«Мо ба хотири наҷоти давлату миллат ва оромиву суботи ҷомеа Ваҳдати миллӣ ба даст овардем ва онро бояд чун гавҳараки чашм ҳифз намоем»
Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№6(1084)
30 июни соли 2025

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail:
omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВИ ВАҲДАТОФАРУ ВАҲДАТСАРО АЗ ОМӮЗГОРОН – МЕЪМОРОНИ РУҲИ ИНСОН ВОБАСТА АСТ

**27-уми июн дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ҳарфҳои зарин сабт мегарданд. Дар ин рӯз ҷонибҳо ба ҳам омаданд, сари як хон нишастанд, ҳамдигарро бахшиданд ва заминаро барои ваҳдати сартосарӣ фароҳам оварданд. Тамоми пешрафти мо, ободии мо, озодии мо, фатҳу нусрати мо аз ҳамин ваҳдати афкор, андеша ва фитрат оғоз гардида аст. Пас месазад, ки ин ҷашни муқаддаси миллиро оғози оғозҳо бигӯем.**



Аҳлиддин Ибодуллозода,
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Омилҳои асосии роҳандозӣ намудани консепсияи Ваҳдати миллӣ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ба ҳар ранг будааст. Барои мисол, заҳматкашони Ҷумҳурии Мардумии Чин ин роҳро ҳанӯз солҳои 70-уми қарни XX ва Ҷумҳурии Исломии Эрон баъди инқилоби исломӣ тай намудаанд. Мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Амрикову Ҷопон, Ҳиндустону Эрон маҳз дар асоси консепсияи Ваҳдати миллӣ рушд намудаанд. Аммо дар мамолики пасошуравӣ ваҳдати миллӣ бо андешаи миллӣ ҳамбаста шуд, ки мисолашро дар мамлакатҳои назди Балтик дида метавонем. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон идеяи ваҳдат, ҳамоиши миллӣ ва ё андешаи миллӣ охири солҳои 90-уми қарни XX шурӯъ ва дар солҳои истиқлолият идома ёфт. Ҳоло ин идея ба ғояи сиёсии давлати миллӣ мубаддал шудааст, ҳадафаш ҳамбастагии миллӣ ва ободиву созандагист.

27-уми июн ид аст, иди хуррамӣ, шодмонӣ, иди ҳамбастагӣ – ҷашни Ваҳдати миллӣ. Ваҳдати миллӣ ҳамвазни истиқлол аст, Истиқлол – озодист. Ваҳдат ва Истиқлол фароҳамсози шукуфоӣ, падидаҳои нав, бунёдкориҳои тоза ва нусратҳои ҷадид аст. Агар ба таърих назар меафканем, силсилаи воқеаҳои солҳои аввали истиқлол бозтоб мешаванд ва чун аз онҳо ёдовар мешавем, ҳодисоти мудҳиши солҳои аввал пеши назар ҷилва мекунанд.

Танҳо Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор шуд, умеди тоҷикистониёнро ба оянда таҳким бахшид. Дар ин ҷаласа Эмомалӣ Раҳмон раиси вакти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, зимни суханронии нахустин чунин ёдовар шуданд: «Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти ҳамаи гурезаҳо тайёрам ҷони худро нисор кунам».

Бо иродаи матин ва руҳи шикастнопазири Сардори давлат дар як муддати кӯтоҳ харобаҳо ба ободӣ табдил ёфта, иншооти азим бунёд гардиданд. Дар мамлакат бунёдкорӣ хусусияти оммавӣ ги-

Давомаш дар с.2

## ДАР ИН ШУМОРА:



ҲАМОИШИ БОШУКӮҲИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГӢ БАХШИДА БА “РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ” 3



ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД 5



ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА БАДАХШОН: АЗ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ТО РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚАВӢ 7



ОБОДИИ ВАТАН АЗ ВАҲДАТИ МИЛЛИСТ 11

ПАЖӮҲИШ

# ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВИ ВАҲДАТОФАРУ ВАҲДАТСАРО АЗ ОМӮЗГОРОН – МЕЪМОРОНИ РУҲИ ИНСОН ВОБАСТА АСТ

Аввалаш дар с.2

рифт. Бо талошҳои пайгиронаи Сарвари давлат артиши миллӣ ва неруҳои марзбонӣ таъсис ёфт, барои таҳкими рукнҳои ҳокимият шароит муҳайё шуд, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистон гузошта шуд, ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ гардид. Ҳамаи ин аз баракати беназири Ваҳдати миллӣ аст.

Албатта, ҳамаи ин дастовардҳои пурарзиш ба туфайли заҳматҳои бардавому фидокоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон падид омадаанд. Тавре ҷаҳониён эътироф ва таъкид намудаанд, бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст.

27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гардид. Ин санади муҳим ва тақдирсоз имкон дод, ки роҳи рушди минбаъдаи ҷанбаҳои гуногуни Тоҷикистони соҳибистиқлол боз гардад. Аз соли 1997 ба ин сӯ як давраи муҳиму сарнавиштсоз дар ҳаёти мардуми тоҷик махсуб мегардад. Таи ин солҳо корҳои ободониву бунёдкорӣ авҷ гирифтанд ва марҳилаи навин дар масири давлатдории тоҷикон ба амал омад.

Тавре коршиносон таъкид мекунанд, аввалин омиле ки моро ба сулҳи пойдор овард, ба ҳам овардани мардуми парокандаву фирории диёр буд. Омилҳои ҳавасмандии ҷониби ҳукумат, ҳусни тафоҳуми мухолифин, миёнаравии мамолики дӯст ва созмонҳову ташкилотҳои ҷаҳонӣ аз рӯи се масъалаи муҳими вобаста ба бозгашти гурезаҳо, оташбаси доимӣ ва таъмини комили сохтори конститутсионӣ музокироти тоҷиконро ба вуҷуд овард.

Нахустин давраи гуфтушуниди байни тоҷикон моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав, мулоқотҳои минбаъда солҳои 1995-1996 дар шаҳрҳои Кобулу Теҳрон, Москаву Бишкек, Машҳад, Алмаато ва Ашқобод баргузор гардида, ниҳоят, тавре ёдовар шудем, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27-уми июни соли 1997 ба имзо расид. Аз файзу баракати ин санади тақдирсоз дар Тоҷикистон корҳои бунёдкорӣ тақвият ёфт, ҳаёт маҷрои тоза гирифт, зиндагӣ шукӯҳи нав дарёфт, ба сарзамини мо сулҳи деринтизор омад.

Сулҳ аст, ки мо осудаем, сулҳ аст, ки истиқлолият пойдор аст. Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, аз сулҳ ибтидо мегиранд ва мо бояд онро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кунем.

Ёдовар мешавем, ки бузургтарин дастоварди фидокоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барқарор кардани сулҳи пойдор ва Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст.

Ба туфайли талошҳои Президенти Тоҷикистон, имрӯз истиқлолияти Тоҷикистонро беш аз 140 мамлакати дунё ба расмият шинохт. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътироф кардани оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, санади хотимавии Хелсинкӣ, баёнияи Париж ва дигар созмонҳои байналхалқӣ сиёсати дохилӣ ва берунии худро амалӣ сохта, ҳифзи ҳуқуқи инсонро сарфи назар аз мансубияти миллӣ, маҳаллӣ ва мазҳабиву нажодӣ риоя менамояд.

Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ пазируфта шуд ва бо аксари мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намуд. Ҳамаи ин дастовардҳо аз баракати Ваҳдати миллӣ мебошанд.

Раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки аз ҳашт давра ва шаш марҳилаи асосӣ иборат буд, ба воситаи музокироти доманадори дохиливу хориҷӣ амалӣ гардид. Сулҳи тоҷикон ба осонӣ ба даст наомадааст, зеро баъд аз 21 воҳӯрию музокироти тарафҳои мухолиф, ки дар зарфи қариб чор сол дар шаҳрҳои Кобул, Бишкек, Алмаато, Ашқобод, Теҳрон ва Маскав баргузор гардиданд, ин санади тақдирсоз ба имзо расид, ки он аз хиради азалии тоҷикон дар шахсияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон башорат медиҳад. Ба ин хотир, коршиносон Мактаби давлатдории Пешвои миллатро ҳамчун падидаи тозаи намунаи сулҳофарӣ дар минтақа ва ҷаҳон арзёбӣ менамоянд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки дар ҳама давру замон сулҳу амният ҳадафи асосии пешрафти ҷомеа хоҳад шуд. Муҳим он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои тақдирсози сулҳофариро паси сар кард, марҳилаҳои бисёр ҳассос, вале тақдирсозро аз сар гузаронид ва билохира дар ин самт дар ҷодаи байналмилалӣ таҷрибаи нодиреро ба миён овард. Ба таъкиди таърихнигорон СММ аз соли 1945, яъне аз замони таъсисаш то ба ин рӯз, бештар аз 70 амалиёти сулҳофаринӣ анҷом дода, аммо аз ин ҳама танҳо 5-6 амалиёт барор доштааст ва яке аз он амалиётҳои бобарори СММ сулҳи Тоҷикистон мебошад. Ин модели сулҳофаринӣ назир надорад ва чун таҷрибаи нодири ҷаҳонӣ эътироф гардидаву аз ҷониби институтҳои бонуфузи ҷаҳонӣ омӯхта мешавад.

Равандҳои гуфтушуниди байни тоҷикон акнун ба саҳифаи таърих кӯчида, онҳоро танҳо дар китобҳо мехонем, вале якчиз мусаллам аст – таҷрибаи сулҳи тоҷикон яке аз дастовардҳои нодир дар ҷодаи байналмилалӣ махсуб мегардад. Аз ин рӯ, ҳар як тоҷик ва тоҷикистонӣ бояд дарк намояд, ки сулҳи деринтизор бо азобу ҷонбозӣ ва машақатҳои зиёд ба даст омадааст. Ва онро бояд чун гавҳараки чашм нигоҳ дошт. Тоҷикон ваҳдату муттаҳидиро асоси пешрафт медонанд ва бояд ин маънӣ дар рафтор, кирдор ва амали ҳар яки мо сармашқи кор бошад.

Мо имрӯз метавонем бо ифтихор изҳор намоем, ки истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дастоварди бузургтарин ва воқеан таърихии тоҷикон мебошад, ки маҳз дар натиҷаи ҳамбастагии мардуми кишвар ва азму талоши фарзандони содиқи халқамон муяссар гардид. Муҳимтар аз ҳама, ба шарофати ҳамин сулҳу субот ва хиради азалии халқамон мо хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва парокандa гаштани миллати куҳанбунёдамонро пешгирӣ кардем.

Тарбияи насли нави ваҳдатофар, ваҳдатсаро ва ваҳдатниҳод аз мо омӯзгорон – меъморони руҳи инсон вобаста аст. Ин рисолати муқаддас бояд сармашқи кори ҳамешагии ҳар омӯзгори равшанзамир, бедордил ва худогоҳ бошад. Зеро миллати тоҷик кохи муҳташами ваҳдати миллиро бар ивази хуни дилу хишти ҷон бунёд намуд ва вазифаи насли ояндасози ҷомеа ин аст, ки бо нури дониш ин маъворо равшан ва бо хиради азаливу донишмеҳвар бақои онро мустаҳкам намоянд. Ваҳдати миллӣ асоси рушди ҷомеа ба шумор меояд. Маҳз барои ҳамин ҳар фарди бонангу номуси миллат, аз ҷумла мову шумо бояд ҳамеша ин неъмати гаронбаҳо ва муқаддас, яъне ваҳдати миллиро поянда нигоҳ дорем, ба қадри он расем ва барои тарбияи ҷавонони ватандӯсту ватанпарвар кӯшиш намоем, то ки онҳо низ дар оянда ин гавҳари пурқиматро аз хатарҳои эҳтимолии ҷаҳони муосир ҳифзу эҳтиёт карда тавонанд.

ҲАМОИШ

# ҲАМОИШИ БОШУКӮҲИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГӢ БАХШИДА БА “РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ”

**Рӯзи 12.07.2025 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ҳамбастагӣ бо Кумитаи иҷроияи маркази Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бахшида ба 28-солагии “Рӯзи Ваҳдати миллӣ” таҳти унвони “Нақши ҷавонон дар ҳифзи Ваҳдати миллӣ” ҳамоиши сиёсӣ-фарҳангӣ баргузор гардид.**




Иштирокчиёни ҳамоиш нахуст аз намоиши дастовардҳои илмӣ ва осорхонаи донишгоҳ дидан намуда, баъдан дар толори муҳташами фарҳангии он бо иштироки муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Неъматзода Маликшо, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Абдураҳим Шоҳиён, раиси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" Оятулло Аҳмадзода, аҳли раёсат, омӯзгорон ва донишҷӯён бо садо додани Суруди миллӣ ҳамоиш ба кори худ оғоз намуд.

Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Неъматзода Маликшо дар сухани ифтитоҳӣ-табрикотии хеш зикр намуданд, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол ташаккули Ваҳдати миллӣ, қабл аз ҳама, ба омилҳои дохилии ҷомеа, махсусан ба фарҳанги қадимаи сулҳофар ва хирадгароёнаи миллати тоҷик вобастагии амиқ дорад. Дар ин раванд дарки дурӯсти аҳамияти ваҳдати миллӣ, шинохти моҳият ва нақши стратегии он дар сарнавишти миллат ва давлати миллӣ ҳамчун хусусияти хоси ин кишвар ба назар мерасад.

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар навбати худ баён намуданд, ки бидуни шубҳа, Ваҳдати миллӣ аз бузургтарин неъматҳои ҷомеа аст, ки танҳо дар шароити сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстиву бародарӣ устувор мемонад. Ваҳдати миллӣ — пояи рушди устувори ҷомеа, амнияти миллӣ ва пешрафти ҳар як миллат аст.

Дар идома омӯзгори факултети таърих ва ҳуқуқ Маҳмудов Давлатшо ва донишҷӯи факултети филологияи тоҷик Дилнозаи Мирзовалӣ бар робита ба нақши ҷавонон дар ҳифзи Ваҳдати миллӣ ибрози андеша намуданд.

Сипас, ректори Донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода бо “Медали ҷашнии 30-солагии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон” ва як қатор фаъолон бо “Сипоснома” сарфароз гардонида шуданд.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ аз ҷониби ҳунармандони ансамбли “Чеҳранамо” суруду таронаҳо дар васфи Ватан, Ваҳдати миллӣ ва Истиқлол сароида шуд.

ВАРЗИШ

# ИШҒОЛИ ҶОЙИ 1-УМ ДАР «ДАВИ ЭКОЛОГӢ БАРОИ ПИРЯХҲО»

**Дар ҳошияи Конфронси байналмилалии ҳифзи пиряххо дар баландии 2700 метр аз сатҳи баҳр ва манзараҳои зебои кӯҳии Маҷмааи лижаронии «Сафеддара» «Дави экологӣ барои пиряххо» баргузор гардид.**




Дар ин дав омӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Одинаев Меҳробҷон Довудович дар масофаи 5 км ғолиби ҷойи 1-ум гардида, бо медал ва дигар туҳфаҳои таъсисдодаи Кумитаи тадорукот сарфароз гардонида шуд.

Муборак бошад!!!

ҲАМОИШИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

# “ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҚАҲРАМОНИ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН АСТ”

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ташаббуси факултети иқтисод ва идора бахшида ба 28-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар мавзуи “Эмомалӣ Раҳмон Қаҳрамони ваҳдати тоҷикон аст” ҳамоиши илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.**



Дар кори ҳамоиш аҳли раёсати донишгоҳ, деканҳои факултетҳо, олимону коршиносон иштирок ва дар мавзуи мавриди назар суханронӣ намуданд.

Муовини ректор оид ба корҳои имлии донишгоҳ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром дар сухани ифтитоҳии хеш қайд намуданд, ки “28 сол аст, ки сокинони кишвари азизамон зери роҳбарии одилонаву оқилонаи фарзонафарзанди номбардори миллату халқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу ваҳдати комил, зери парчами парафшони Ватан, дар ҳимояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукургузорӣ аз давлату давлатдории миллӣ кору зиндагӣ доранд”.

Дар идома профессор Шарофзода Гавҳар дар мавзуи “Эмомалӣ Раҳмон – Президенти мардумии мост”, профессор Рауфӣ Абдуғаффодар дар мавзуи “Эмомалӣ Раҳмон – сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ. Формулаи сулҳи тоҷикон”, дотсент Бақозода Сайрам дар мавзуи “Меъмори сулҳи тоҷикон” ва Маҳмудов Давлатшоҳ дар робита ба Ваҳдати миллӣ маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд.

Зимни ҳамоиш таъкид шуд, ки Сарвари давлати мо аз рӯзи аввали сари қудрат омаданашон бахри ба даст овардани сулҳу амонӣ хизматҳои шоиставу зиёде карда, садоқат ба миллату давлату халқи хеш ва сулҳофарӣ чун сифатҳои асосии ин марди шариф маҳсуб меёбанд. Маҳз бо роҳнамоиву роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи тоҷикон бо дарёфти ҳадафи аслии таърихи миллат, яъне Ваҳдати миллӣ расид. Ва дар ниҳоят Сулҳ, Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатии тоҷикон мафҳумҳои азиз барои ҳар фарди Тоҷикистон гардид.

МАОРИФИ КИШВАР БО ИҚДОМИ НАВ ҒАНӢ МЕГАРДАД

# ХАТМИ ГУРУҲИ АВВАЛИ МАГИСТРАНТОНИ ЧИНӢ

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тибқи шаҳодатномаи Агенти назорат дар соҳаи маорифи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли дуюм аст, ки донишҷӯёни Ҷумҳурии Мардумии Чинро ба зинаи магистратура қабул менамояд.**

Ин аст, ки соли равон аввалин гуруҳи магистрантони ин кишвар зинаи магистратураи донишгоҳро бо муваффақият хатм намуданд.

Дар ин росто, Айнуллозода Наҳтулло – муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ, Назарзода Нигора – муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, Қурбонзода Рухшона – муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ бо ин гуруҳи магистрантон ва як қатор меҳмонон аз Ҷумҳурии Мардумии Чин дидор ва суҳбат намуданд. Аз ҷумла, зимни суханронӣ аз номи раёсати донишгоҳ, донишҷӯёнро барои бомуваффақият анҷом додани таҳсил табрик намуданд.

Зимнан донишҷӯён бо суханронӣ арзи сипосу таманниёти неки кулли донишҷӯёнро ба масъулин иброз намуда, аз таҳсил ва равандӣ будубош дар Тоҷикистон изҳори хушҳолӣ намуданд.



ВОХӮРӢ

# ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025 НАТИҶАГИРӢ КАРДА ШУД

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи васеъи шурои олимон доир гардид, ки дар кори он аҳли раёсат, профессорону омӯзгорон иштирок намуда, фаъолияти донишгоҳ дар нимсолаи якуми соли 2025 натиҷагирӣ ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюм муайян карда шуд.**



Баъд аз садо додани Суруди миллӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода ҷаласаро ҳусни оғоз бахшида, муовинони ректор вобаста ба самтҳои таълим, илм ва робитаҳои байналмилалӣ бо рӯнамо ҳисобот манзур намуданд.

Аҳлиддин Ибодуллозода дар навбати хеш баён намуданд, ки дар баробари дастовардҳо моро зарур аст, то дар самтҳои гуногуни фаъолияти ҳамарӯзаи донишгоҳ корҳоро боз ҳам ҷоннок намоем.

Бо ҳамин тартиб дар ҷаласа масъалаҳои мубрам мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати ҳаллу фасли онҳо аз ҷониби ректори Донишгоҳ ба муовинони соҳавӣ, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва дигар шахсони масъул дастуру супоришҳо дода шуд.

Сипас ба як қатор омӯзгорон нишони "Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон", сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи маркази Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Иттифоқи касабаи муттаҳидаи кормандон ва донишҷӯёни ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, раёсати донишгоҳ ва гувоҳиномаву дастовардҳои дигар аз озмунҳои сатҳи байналмилалӣ тақдим карда шуданд.

КОНФРОНСИ ҶУМҲУРИЯВӢ

# КОНФРОНСИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ: ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – БАҚОИ МИЛЛАТ

**Рӯзи 24.07.2025 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ташаббуси факултети таърих ва ҳуқуқ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ – бақои миллат» конфронси илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.**



Дар кори ҳамоиш аҳли раёсати донишгоҳ, деканҳои факултетҳо, олимону коршиносон иштирок ва дар робита ба Ваҳдати миллӣ суханронӣ намуданд.

Муовини ректор оид ба корҳои илмии донишгоҳ, доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода Сироҷиддин Икром дар сухани ифтитоҳии хеш қайд намуданд, ки "Сарвари давлати мо аз рӯзи аввали сари қудрат омаданашон бахри ба даст овардани сулҳу амонӣ хизматҳои шоиставу зиёде карда, садоқат ба миллату давлату халқи хеш ва сулҳофарӣ чун сифатҳои асосии ин марди шариф маҳсуб меёбанд".

Дар идома кормандони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Неъматов Икромиддин ва Ҳангома Нурализода, декани факултети таърих ва ҳуқуқ Каримзода Мусо дар мавзуи "Оғози гуфтушуниди тоҷикон ва марҳалаҳои асосии он", мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик Сайнаков С.П. дар мавзуи "Ваҳдати миллӣ ва пешравиҳои назаррас дар ВМКБ" ва дигар баромадкунандагон дар робита ба паҳлуҳои дигари Ваҳдати миллӣ маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд.

Зимни конфронс таъкид шуд, ки дар ҳақиқат ҷашни Ваҳдати миллӣ ба як ҷашни мардумӣ табдил ёфта, дар қалби мардум ҷой гирифтааст.

МУАРРИФӢ ВА ДАСТОВАРД

# ШУРОИ АДАБИЁТШИНОСӢ МУАРРИФӢ ГАРДИД

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба таваҷҷуҳи унвонҷӯёну докторантон мерасонад, ки шурои диссертатсионии номзадию докторӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ва 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ ва 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба фаъолият шурӯъ намуд.**



Дар муаррифии шурои мазкур муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, д.и.х., профессор Раҷабзода Сироҷиддин, мудири шуъбаи илмҳои гуманитарии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Ҳокимхон, саркотиби шуроҳои диссертатсионӣ Валиев Ҷамшед ва аъзои шурои диссератсионии 6D.KOA-099-и назди Донишгоҳ иштирок ва суханронӣ намуданд.

# ДАСТОВАРДИ НАВБАТИИ УСТОД ВА ШОГИРД

**Бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳамбастагӣ бо ассотсиатсияи "Ҳаракати умумихалқии Бобек" ҷиҳати нашри мақолаҳои беҳтарин дар силсилаи маҷмӯаи илмӣ-педагогии кишварҳои узви ИДМ тахти унвони "Омӯзгори сол – 2025" озмун баргузор гардид.**

Дар ин озмун мақолаи Ғафорзода Ҷонона Ғафор декани факултети иқтисод ва идора инчунин Сабуров Сулаймон Сафарович докторанти PhD кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ беҳтарин ҳисобида шуд.

Дар ин замина онҳо бо дипломи дараҷаи I ва нишони сарисинагӣ сарфароз гардонида шуданд.

Албатта, инҷо саҳми Ғафорзода Ҷонона Ғафор дар баланд бардоштани эътибори кишвар дар сатҳи байналмилалӣ назаррас мебошад.



ОЗМУН

# ДАСТОВАРДИ НАВБАТИИ ХОНАНДАГОНИ ЛИТСЕЙИ ДОНИШГОҲ



**3-юми июни соли 2025 дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53-и ноҳияи И. Сомонӣ бо иштироки муовини раиси ноҳия маросими қадрдонӣ ба ғолибони даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуривии “Фурӯғи субҳи доnои китоб аст” баргузор гардид.**

Хонандагони Литсейи назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ дар озмуни мазкур фаъолона иштирок намуда, сазовори ду ҷой: Алламова Фараҳнуш аз номинатсияи “Адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ” сазовори ҷойи якум, Қурбонализода Алиакбар аз номинатсияи “Адабиёти ҷаҳон” сазовори ҷойи дуюм гардида, бо диплом ва мукофотпулӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Инчунин омӯзгорон ва волидайни хонандагон низ бо сипосномa сарфароз гардонида шуданд.

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА БАДАХШОН: АЗ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ТО РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚАВӢ

**Баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як давраи вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ворид шуд, ки аз соли 1992 то 1997 идома кард. Ин давра, ки фарогири фоҷиаҳои инсонӣ ва харобии зерсохторҳо мебошад, боиси парокандагии ваҳдати миллӣ гардид.**



Кенҷазод Фаридун – сармуҳаррири нашрияи "Омӯзгори ҷавон"-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Дар ин замина таърихи муосири Тоҷикистон бо воқеаҳои калидие тавъам аст, ки сарнавишти миллатро дигаргун карданд. Яке аз муҳимтарин воқеаҳо — барқарории сулҳи миллӣ баъди ҷанги шаҳрвандӣ ва оғози давраи рушди устувор мебошад. Дар маркази ин равандҳо шахсияти муҳими сиёсӣ — Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Бо ба сари қудрат омадани ин шахсият ва саъю кӯшиши ӯ барои таҳкими сулҳ ва ваҳдати миллӣ, Тоҷикистон ба як марҳалаи нави рушди устувор ворид гардид. Зеро соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як марҳалаи нав — созандагӣ ва рушди босубот ворид гардид. Дар ин раванд, ки Эмомалӣ Раҳмон нақши калидӣ дошт, изҳор намуд: «Сулҳ барои мо танҳо хотимаи ҷанг нест — он оғози бунёди давлат, ифтихор ва шукуфоӣ аст». Гузашта аз ин, бо сухани машҳур – «Ман ба хотири сулҳ ҳатто ҷони худро дареғ намедорам» – Эмомалӣ Раҳмон на танҳо иродаи сиёсӣ, балки садоқат ба мардуми кишварро нишон дод. Ба ҳамин хотир Ваҳдати миллӣ зери раҳбарии ӯ на як шиори сиёсӣ, балки ба як сиёсати амалгароёна табдил ёфт.

Аз ҳамин ҷиҳат таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ пояи асосӣ барои рушди минтақаҳо (хусусан Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) гардид ва ба яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатӣ табдил ёфт.

Бадахшон минтақаи кӯҳистонӣ ва аз лиҳози стратегиву фарҳангӣ барои Тоҷикистон муҳим мебошад. Пеш аз даврони истиқлол ва махсусан дар солҳои ҷанг, зерсохторҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии он хеле заиф буданд. Аммо аз ибтидои раҳбарии Пешвои миллат минтақаи Бадахшон ба таври вижа зери таваҷҷуҳ қарор гирифт. Аз соли 1993 то 2024 Президенти кишвар беш аз 25 сафари корӣ ба ВМКБ анҷом дода, бо мардум мулоқотҳои рӯ ба рӯ анҷом доданд. Ҳар як сафар бо бунёди муассисаҳои нав, эҳёи иқтисодӣ, мулоқотҳои мардумӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдорӣ тавъам мебошад.

Аз оғози соҳибистиқлолӣ то соли 2023 дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ВМКБ бештар аз 23 млрд сомонӣ (тақрибан $2,1 млрд) равона шудааст, ки аз он 5,7 млрд сомонӣ аз буҷети давлатӣ мебошад. Аз ҷумла, 33 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 3 млрд сомонӣ амалӣ шуда, дар ҳоли ҳозир 16 лоиҳа бо арзиши 5,5 млрд сомонӣ идома дорад.

Албатта яке аз аввалин иқдомҳои Пешвои миллат дар самти рушди Бадахшон ин бунёди роҳҳо мебошад. Зеро мавқеи ҷуғрофии мураккаб ва набуди роҳҳои муосир яке аз мушкилоти таърихии Бадахшон буд. Бо дастури Президенти кишвар сохтмони роҳҳои Душанбе–Хоруғ, ки зиёда аз 600 км тӯл дорад, Хоруғ–Ишкошим ва Хоруғ–Мурғоб имкони пайвасти минтақаро бо маркази кишвар ба таври назаррас беҳтар намуд. Бунёди нақби «Истиқлол» дар соли 2006 ва таҷдиди пулҳои бузург дар Ишкошим, Дарвоз ва Рӯшон низ дастовардҳои муҳими техникӣ мебошанд. Барои бунёди роҳҳои миллию байналмилалӣ дар умум 12 лоиҳа бо арзиши 2,3 млрд сомонӣ амалӣ шуд, ки зиёда аз 200 км роҳ, 1 нақб ва 25 пул дар доираи он ба истифода дода шуд.

Бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат ҷиҳати рушди соҳаҳои маорифу тандурустӣ дар Бадахшон сохтмони мактабҳо, беморхонаҳо, коллеҷу литсейҳо ва дастгирии омӯзгорону табибон вусъат ёфт. Масалан соли 2021 дар шаҳру навоҳии ВМКБ зиёда аз 200 иншооти иҷтимоӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Танҳо дар шаҳри Хоруғ дар солҳои 2015–2020 12 муассисаи таҳсилоти миёна ва касбӣ бунёд ва навсозӣ гардиданд. Дар умум дар соҳаи маориф зиёда аз 120 муассисаи таълимӣ аз ҷумла 5 литсей ва 3 коллеҷи техникӣ, дар соҳаи тандурустӣ беш аз 30 маркази саломатӣ ва 12 беморхона бо таҷҳизоти муосир навсозӣ ва бунёд гардид. Тибқи омор аз буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи ВМКБ 1,7 млрд сомонӣ равона шудааст, ки ин нишондодҳо аз беҳтар шудани вазъи соҳаҳои мазкур шаҳодат медиҳанд.

Воқеъан Бадахшон бо табиати нотакрор ва мавқеи ҷуғрофии худ барои рушди сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ бисёр мувофиқ аст. Таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои рушди сайёҳӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Бадахшон зери роҳбарии Пешвои миллат вусъат ёфтааст. Аз ҷумла, то имрӯз дар Бадахшон шумораи зиёди хатсайрҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳо ташкил ва бунёд гардидааст.

Дар даврони истиқлол дар соҳаи энергетикаи ВМКБ 24 лоиҳа ба маблағи 1,6 млрд сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло 7 лоиҳаи нав ба маблағи 1,1 млрд сомонӣ идома доранд. Яъне, барои рушди энергетикаи сабз дар Бадахшон садҳо нерӯгоҳи хурди барқи обӣ (НХБО) сохта шудааст.

Дар давоми 28 соли сулҳу ваҳдат, Бадахшон ба як минтақаи дорои шабакаи нақлиёт, марказҳои маорифу тандурустии замонавӣ ва шуури баланди ватандӯстӣ табдил ёфт. Аз ин бармеояд, ки ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор намудани Ваҳдати миллӣ ва рушди ин минтақа намунаи равшани сиёсати дурандешона мебошад.

Дар ҳамин иртибот аз рӯи нишондиҳандаи Индекси рушди инсонӣ (HDI) дар сол 2022 ВМКБ дар Тоҷикистон дар дараҷаи «рушди миёна» буда, бо HDI = 0,687 пас аз шаҳри Душанбе дар зинаи дуюм қарор дорад. Гузашта аз ин, барномаву стратегияҳои давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд то соли 2030, барои Бадахшон афзалиятҳои возеҳ пешбинӣ намудааст. Аз ҳамин ҷиҳат рушди устувор дар соҳаҳои "энергияи сабз", "сайёҳӣ" ва "технологияҳои рақамӣ" барои Бадахшон умедбахш мебошанд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки далелҳои сармоягузории бузург – зиёда аз 23 млрд сомонӣ аз сарчашмаҳои гуногун барои рушди ВМКБ; бунёди роҳҳо, нақбҳо ва пулҳои муҳим ҳамчун шарти асосӣ барои рушд ва ҳамгирой; дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ бунёд намудани садҳо муассиса ва ҷудо намудани миллионҳо сомонӣ барои рушди инсонӣ; таъмини 100 % барқ маҳз дар заминаи лоиҳаҳои обӣ ва офтобию бодӣ; рушди инфрасохтор ва ҷалби сайёҳони хориҷӣ нишон медиҳанд, ки таҳти роҳбарии Пешвои миллат Бадахшон аз минтақаи ҳошиявӣ ба минтақаи стратегӣ ва рушдёбанда табдил ёфт.

Хотимаи сухан ин ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат ва шахсияти ваҳдатофар, дар роҳи сулҳу субот, барқарор намудани ваҳдати миллӣ ва рушди устувори минтақаи Бадахшон нақши таърихӣ бозидааст. Маҳз зери сиёсати ӯ Бадахшон аз минтақаи ҳошиявӣ ба як самти фаъол ва стратегии рушди миллӣ табдил ёфт. Ин сиёсати рушди минтақавии ӯ намунаи стратегияи муваффақ ва фарогири давлатдорӣ дар шароити муосир мебошад.

ВОХӮРӢ

# ДАСТОВАРДИ ОМӮЗГОРОН, МАГИСТРАНТОН ВА ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ ДАР ДАВРИ НОҲИЯВИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ”

**Таърихи 03.06.2025 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 бо иштироки муовини раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ мӯҳтарам Аминзода Манижабону даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ҷамъбаст гардид.**

Дар он аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 9 нафар донишҷӯ ва 2 нафар омӯзгор дар умум 11 нафар сазовори ҷойҳои намоён гардида, ба даври шаҳрии озмуни мазкур роҳхат гирифтанд. Аз он ҷумла:



Оқилзода Нурафшон – донишҷӯи курси 1-уми факултети биология, аз рӯи номинатсияи адабиёти муосир, ҷои якум;

Ваҳҳобова Омина – донишҷӯи курси 3-юми факултети филологияи тоҷик, аз рӯи наминатсияи адабиёти классикӣ, ҷои якум;

Ҳамроззода Гулзода – донишҷӯи курси 4-уми факултети забон ва адабиёти рус, аз рӯи номинатсияи адабиёти муосир, ҷои дуюм;

Самадзода Азиза – донишҷӯи курси 1-уми факултети биология, аз рӯи номинатсияи адабиёти классикӣ, ҷои дуюм;

Холова Нилуфар – донишҷӯи курси 2-юми факултети забон ва адабиёти рус, аз рӯи номинатсияи адабиёти ҷаҳон, ҷои 2-юм;

Одиназода Дилнавоз – донишҷӯи курси 1-уми факултети педагогика, аз рӯи номинатсияи адабиёти муосир, ҷои 3-юм;

Баротова Сафина – донишҷӯи курси 3-юми факултети забон ва адабиёти рус, аз рӯи номинатсияи адабиёти муосир, ҷои 3-юм;

Раҳматзода Шоира – донишҷӯи курси 2-юми факултети педагогика, аз рӯи номинатсияи адабиёти классикӣ, ҷои сеюм;

Самадова Фарзона – магистранти соли 1-уми факултети забон ва адабиёти рус, аз рӯи номинатсияи адабиёти ҷаҳон, ҷои сеюм;

Ҷӯраев Комрон – омӯзгори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ, аз рӯи номинатсияи адабиёти муосир, ҷои 3-юм;

Марворид Саидмуроди Бойзода – омӯзгори факултети педагогика, аз рӯи номинатсияи адабиёти муосир, ҷои дуюм.

ХОНИШИ СИЁСӢ

# “БУҲРОНИ СИЁСИИ ХОВАРИ МИЁНА ВА ОҚИБАТҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ОН БА АМНИЯТИ СИЁСИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ”



**Имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хониши сиёсии навбатӣ бо иштироки аҳли раёсат, омӯзгорон ва кормандон баргузор гардид.**

Дар он Фатҳидини Замон – сармуҳаррири идораи ҳуқуқ, амният ва мудофиаи “Телевизиони Тоҷикистон” дар робита ба “Буҳрони сиёсии Ховари Миёна ва оқибатҳои геополитикии он ба амнияти сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ” маърӯзаи пурмуҳтаво намуда, ин мавзуи муҳимро аз паҳлуҳои гуногун шарҳу тавзеҳ доданд.



## БА КОРМАНДОНИ ҚИСМИ ХОҶАГИИ ДОНИШГОҲ КӮМАКҲОИ МОДДӢ РАСОНИДА ШУД

**Аз ҷониби раёсати донишгоҳ дар арафаи Иди Қурбон бахри дастгирии кормандони қисми хоҷагидорӣ ба 130 нафар кӯмакҳои моддӣ расонида шуд.**

**Кӯмакҳои моддӣ аз картошка, пиёз, макарон, шакар, равған ва орд иборат мебошанд.**

ҲАМОИШ

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ ДАР ҶАЛАСАИ ШУРОИ ИЛМӢ-МЕТОДИИ ДОНИШГОҲ



**03.06.2025 таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба илм, профессор Раҷабзода Сироҷиддин ҷаласаи Шурои илмӣ-методии Донишгоҳ доир шуд, ки асосан се масъаларо мавриди баррасӣ қарор дод. Масъалаи аввал натиҷаи фаъолияти илмӣ ва илмию методии магистрон дар соли таҳсили 2024-2025 буд ва пиромуни он мудири шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию-омӯзгорӣ Ахиева Саодат гузориш дод.**

Дар ҳисоботи директори Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардони донигоҳ, профессор С. Хоҷазод марбут ба таҳия ва нашри барномаҳои таълимӣ, монография ва китобҳои дарсӣ дар факултет ва кафедраҳои умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар соли таҳсили 2024-2025 сухан меравфт.

Дар ҷаласа 22 дастуру китобҳои дарсӣ баъди баррасӣ ба чоп тавсия шуд ва дигар масъалаҳои марбути соҳаи илм баррасӣ гардиданд.

АНДЕША

# ДУШАНБЕ – МАРКАЗИ ТАЛОШҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРОИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

**Мусаллам аст, ки тайи чанд даҳсолаҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти стратегии пиряххоро ҳамчун манбаи асосии оби ошомиданӣ дар Осиёи Марказӣ дарк намуда, барои ҳифзи онҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ фаъолона амал мекунад. Аз ин рӯ, дар ин самт бо роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иқдомҳо амалӣ гардиданд. Дар сатҳи миллӣ асосҳои ҳуқуқии ҳифзи пиряхҳо муқаррар шуда, онҳо моликияти истисноии давлат эътироф гардидаанд, ки ҳифзи онҳоро маҳз давлат кафолат медиҳад. Дар кишвар бунёдҳои гуногуни ҳифзи пиряхҳо таъсис дода мешаванд, ки аз ҳисоби маблағҳои дохилию созмонҳои байналмилалӣ, грантҳо ва дигар манбаъҳои зарурӣ ташаккул меёбанд.**

Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ пажӯҳишҳои илмӣ ва мониторингу арзёбиҳои гуногун гузаронида шуда, бо ин мақсад муассисаҳои илмӣ (масалан, Институти ма-



Рухшона Қурбонзода – муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

съалаҳои об, гидроэнергетика ва экология ва Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) амал менамоянд, ки ҳолати пиряхҳоро назорат мекунанд, суръати обшавии онҳоро меомӯзанд ва стратегияи идоракунии устувори захираҳои об, инчунин ҳифзи экосистемаҳои кӯҳиро таҳия менамоянд. Ҷумҳурӣ лоиҳаҳои неруи барқароршавандаро, ки ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонагӣ ва бунёди «иқтисоди сабз» нигаронида шудаанд, дастгирӣ менамояд, зеро он ба тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо мусоидат мекунад.

Аз ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар натиҷаи он соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардид, тамоми ҷаҳониён низ бохабаранд. Ин ташаббус аз ҷониби СММ дастгирӣ ёфт ва аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ расман эълон карда шуд. 21 март Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон шудааст. Ин ташаббус низ аз ҷониби СММ дастгирӣ ёфт. Дар назди Созмони Милали Муттаҳид фонди байналмилалии эътимод таъсис дода мешавад, ки ҳадафи он мусоидат ба ҳифзи пиряхҳо мебошад. Охирҳои моҳи майи соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид, ки дар ҷараёни он пойтахти кишвари мо ба маркази талошҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо ва ба платформаи муколамаи ҷаҳонӣ ва коркарди тадбирҳои муштарак дар ин роҳ табдил ёфт.

Ҳамаи ин ва дигар иқдомҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи фаъоли кишвари моро дар ҳаллии мушкилоти глобалии тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо нишон дода, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба аҳамияти ҳифзи ин сарватҳои табиии ҳаётан муҳим ҷалб мекунанд.

Чунонки маълум аст, пиряххои Осиёи Марказӣ, ки асосан дар системахои кӯҳии Помир, Тиёншон ва Олой вокеъ гардидаанд, дар хаёти тамоми минтака накши бағоят муҳим мебозанд. Онҳо манбаи асосии оби тоза барои миллионҳо нафар ва асоси иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошанд. Пиряхҳо дар хаёти ин минтақа накши асосӣ мебозанд, зеро онхо манбаи асосии оби чунин дарёҳои калони Осиёи Марказӣ, монанди Амударё ва Сирдарё мебошанд. Ин дарёҳо дар навбати худ қисми зиёди аҳолӣ ва иқтисоди Осиёи Марказиро бо об таъмин мекунанд. Масалан, зиёда аз 80% маҷрои Амударё дар Тоҷикистон ташаккул меёбад, ки мавриди истифодаи тамоми сокинони минтақа қарор доранд.

Аз тарафи дигар, обшавии пиряхҳо барои зироаткории обёришаванда, ки асоси соҳаи кишоварзии аксар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мебошад, аҳамияти калон дорад. Дар фасли тобистон, ки боришот кам мешавад, маҳз оби пиряхҳо норасоии обро ҷуброн карда, ҳосили зироатҳоро таъмин мекунад. Пиряхҳо ҳамчунин миллионҳо нафар сокинони минтақаро барои қонеъсозии эҳтиёҷоти маишӣ бо об таъмин мекунанд.

(Идома дар саҳ. 10)

## БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

(Авваламаш дар саҳ. 9)

# ДУШАНБЕ – МАРКАЗИ ТАЛОШҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БАРОИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Инчунин бояд гуфт, ки пиряххо хамчун «анбор»-и табии об хизмат мекунанд. Дар фасли зимистон онхо барфу ях чамъ мекунанд ва дар фасли тобистон дар давраи эхтиёчоти бештар ба об бинобар иқлими хушк ва мавсими нашъунамои фаъол тадричан об шуда, чараёни муътадили дарёҳоро таъмин мекунанд. Ин барои чуброн кардани тағйирёбии боришот ва кохиш додани оқибатҳои хушксолӣ кӯмак менамояд. Бар хилофи қабати барф, ки ҳамасола об чамъ мекунад, пиряхҳо обро даҳсолаҳо ва ҳатто садсолаҳо нигоҳ медоранд ва ҳамчун захираи стратегии оби тоза амал мекунанд.

Мушкилоти дигаре, ки барои Осиёи Марказӣ хеле муҳим аст, таъмини амнияти энергетикӣ мебошад. Аз обе, ки дар натичаи обшавии пиряххо пайдо мешавад, аз турбинаҳои барқии обӣ неруи барқ истеҳсол гардида, кишварҳои минтақаро бо барқ таъмин мекунад. Аксарияти истгоҳҳои барқи обии Осиёи Марказӣ аз таъминоти доимии оби пиряххо вобастаанд.

Аз нақши глобалии пиряххо бояд таъсири онҳоро ба иқлим ва экосистема махсусан таъкид кард, зеро онҳо ба иқлими маҳаллӣ тавассути танзими ҳарорати ҳаво ва намӣ таъсир мерасонанд. Экосистемаҳои кӯҳӣ, ки бо пиряххо зич алоқамананд, аз мавҷудияти онҳо вобастаанд. Тағйир ёфтани низоми обшавии пиряхҳо ба олами набототу ҳайвоноти ин минтақа таъсир мерасонад.

Аммо, сарфи назар аз тамоми тадбирҳои андешидашуда, пиряхҳои Осиёи Марказӣ имрӯз бар асари тағйирёбии иқлим зери хатар қарор доранд. Суръати обшавии онҳо дар даҳсолаҳои охир хеле афзуд. Тайи даҳсолаҳои охир дар минтақа шумораи зиёди пиряхҳо аз байн рафта, масоҳати умумии онҳо ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ин ва дигар мушкилот масъалаи ҳифзи пиряхҳоро боз ҳам мубрамтар гардониданд.

Мушкилоти мавчуда тақозо мекунанд, ки ба масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар тамоми соҳаҳо таваҷҷуҳи бештар равона карда шавад. Аз ҷумла, барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ зарур аст, ки дар бобари муассисаҳои илмӣ ба омӯзишу таҳқиқи ин мавзуъ машғул гардида, махсусан дар тарбияи кадрҳои соҳибтахассуси ин соҳа саҳми бештар дошта бошанд. Тавре ки маълум аст, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо илми нав – глятсиология (пиряхшиносӣ) ташаккул ёфт, ки рушди он бояд ба яке аз ҳадафҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ табдил ёбад. Дар ин самт, ба андешаи мо, таъсис додани ихтисоси глятсиология дар факултетҳои марбута, ба роҳ мондани таълими ин фан барои ихтисосҳои экология, ҷуғрофия ва самтҳои дигари дахлдор, ташкили курсҳои махсус оид ба масъалаҳои мубрами пиряхшиносӣ ва амсоли он мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Дар маҷмуъ, Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо, ки аз 29 то 31 майи соли 2025 дар пойтахти кишварамон баргузор гардид, бори дигар ба тамоми ҷаҳониён собит намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қодир аст, ки дар ҳалли мушкилоти глобалӣ саҳми назаррас гузорад. Аз ин рӯ, эътимоди комил дорем, ки пойтахти кишвари азизамон – шаҳри Душанбе ҳамчун маркази талошҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо ва муколамаи ҷаҳонӣ дар ин самт чунин рисолати волои худро минбаъд низ дар дастаҷамъӣ бо ҳар як сокини ҷумҳурӣ сарбаландона ба иҷро мерасонад.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – КАФИЛИ СУБОТИ ҶОМЕА ВА РУШДИ УСТУВОРИ ТОҶИКИСТОН

**Ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи муқаддастарин арзишҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба шумор меравад. Он ганҷест, ки миллати тоҷик бо хуну ҷон, бо заҳмати азими фарзандони фидокори худ онро ба даст овард. Ин ваҳдат на танҳо василаи халосӣ аз нобасомониҳо ва низоъҳои дохилӣ буд, балки заминаи муҳими бунёди як давлати навин, муосир ва мардумсолорро фароҳам овард.**

Аз гирдоби ҷанг то суботи устувор пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, мутаассифона, мамлакат ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Солҳои 1992–1997 дар таърихи навини кишвар ҳамчун солҳои сиёҳ ва талх боқӣ мемонанд. Ин ҷанг беш аз 150 ҳазор кушта, садҳо ҳазор муҳоҷири иҷборӣ, фалаҷ шудани сохторҳои давлатӣ ва иқтисодии мамлакатро ба бор овард.

Дар чунин шароити душвор як шахсияти нав ба саҳнаи сиёсӣ қадам гузошт — Эмомалӣ Раҳмон. Ӯ дар шароити нобасомониҳои сиёсиву иҷтимоӣ, бе таҷрибаи бузурги давлатӣ, вале бо имони қавӣ ба миллат ва иродаи матин, роҳбарии мамлакатро бар дӯш гирифт ва аҳд кард: «Ман ба шумо сулҳ меорам!»

Ҳамин ваъда ба меҳвари сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон табдил ёфт. Ҷараёни музокироти сулҳ, ки беш аз ду сол тӯл кашид, бо ибтикори шахсии Пешвои миллат ва ҳамкориҳои созанда бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Созмони Конфронси Исломӣ, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар ҷонибҳои дахлдор, дар ниҳоят ба натиҷа расид.

27 июни соли 1997 — санаи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, дар таърихи тоҷикон саҳифаи тозаеро боз намуд. Ин санад на танҳо ҷангро хотима бахшид, балки заминаи ҳамгироии миллиро фароҳам овард.

Моҳияти амиқи ваҳдати миллӣ
Ваҳдати миллӣ танҳо сулҳи зоҳирӣ нест. Он ифодаи амиқи тафоҳум, эҳтиром, ҳамдигарбахшӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Ваҳдати ҳақиқӣ замоне пойдор мемонад, ки пояҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии он мустаҳкам бошанд. Яъне, вақте ки мардум ба якдигар эътимод доранд, давлатро дастгирӣ мекунанд, ба арзишҳои миллӣ арҷ мегузоранд ва дар роҳи ободии Ватан саҳм мегузоранд.

Имрӯз, бо гузашти 28 сол аз таърихи ба имзо расидани созишномаи сулҳ, мо шоҳиди он ҳастем, ки Тоҷикистон дар фазои оромиву субот ба рушди устувор ноил гардидааст. Дар тамоми гӯшаву канори мамлакат корҳои созандагиву бунёдкорӣ идома доранд. Бунёди шоҳроҳҳои стратегии байналмилалӣ, сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, муассисаҳои тиббӣ, таълимӣ ва фарҳангӣ, шаҳодати равшани татбиқи сиёсати сулҳпарварона ва ваҳдатофари давлат мебошанд.

Мо бояд хуб дарк намоем, ки ваҳдати миллӣ фақат амали сиёсӣ нест. Ин фарҳанг ва ҷаҳонбинии миллӣ аст. Махсусан, насли наврас ва ҷавонони Тоҷикистон бояд дар рӯҳияи ваҳдат, таҳаммул, ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ тарбия ёбанд. Зеро ҳифзи ваҳдати миллӣ кори як нафар ё як гурӯҳ нест — он вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванди мамлакат аст. Маҳз ҳамин ваҳдат аст, ки имрӯз имкон медиҳад ҷавонон дар мактабҳо бо хурсандӣ таҳсил намоянд, оилаҳо бо амнияти комил зиндагӣ кунанд, марзҳо амн бошанд ва обрӯи байналмилалии Тоҷикистон афзоиш ёбад.

Дар остонаи Рӯзи Ваҳдати миллӣ, моро лозим аст, ки бо тааммули амиқ ба арзиши ин рӯз ва баҳои он бирасем. Мо набояд ин дастоварди бузургро танҳо ҳамчун ҷашн таҷлил намоем — балки бояд онро ҳифз кунем, таҳким бахшем ва ба наслҳои оянда ҳамчун муқаддасот мерос гузорем. Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори сулҳ дар арсаи байналмилалӣ низ мавқеи устувор пайдо кардааст. Иқдомҳои он дар соҳаи дипломатияи об, амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист бо дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гардидаанд.

Ваҳдати миллӣ кафолати ҳастии мо, шарти бақои давлатдорӣ ва рамзи ифтихори миллии мост. Пас, ҳар яки мо вазифадорем, ки дар нигоҳ доштани он ҳиссагузор бошем.



Шарипова Мавзуна – мутахассиси пешбари шуъбаи умумӣ ва назорати ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

# ОБОДИИ ВАТАН АЗ ВАҲДАТИ МИЛЛИСТ

**Имсол аз рӯзи ба имзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 сол пур мешавад.**

28 сол аст, ки сокинони кишвари азизамон зери роҳбарии одилонаву оқилонаи фарзонафарзанди номбардори миллату халқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои маҳбуби миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу ваҳдати комил, зери парчами парафшони Ватан, дар ҳимояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукургузорӣ аз давлату давлатдории миллӣ кору зиндагӣ доранд.

28 сол аст, ки насими фораму атрогин ва гулафшону руҳафзои ваҳдати миллӣ воқеан ҳам ба дидаҳо нур ва ба дилҳо сурур мебахшад.

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд: «Бо гузашти солҳо мо аҳаммияти таърихии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, қимати сулҳу суббот ва ваҳдати миллиро бештар дарк ва қадр менамоем.

Зеро маҳз аз баракати муттаҳид сохтани нерӯҳои сиёсӣ ва таъмини ризоияти ҷомеа мо пеш аз ҳама тавонистем истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии Ватани азизамонро ҳифз намоем ва мардуми худро аз парокандагӣ эмин нигоҳ дорем».

Имзои созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ ба раванди музокироти сулҳи тоҷикон, ки аз 5 апрели соли 1994 шурӯъ шуда буд, анҷоми нек бахшид. Бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-июни соли 1997 ҳамчун рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон гардид.

Сарвари давлати мо аз рӯзи аввали сари қудрат омаданашон бахри ба даст овардани сулҳу амонӣ хизматҳои шоиставу зиёде карда, садоқат ба миллату давлату халқи хеш ва сулҳофарӣ чун сифатҳои асосии ин марди шариф махсуб меёбанд. Маҳз бо роҳнамоиву роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи тоҷикон бо дарёфти ҳадафи аслии таърихи миллат, яъне Ваҳдати миллӣ расид. Ва дар ниҳоят Сулҳ, Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатии тоҷикон мафҳумҳои азиз барои ҳар фарди Тоҷикистон гардид.



Фаромӯш набояд кард, ки ҳанӯз аз рӯзҳои аввали масъулияти роҳбарии давлату ҳукуматро ба ӯҳда гирифтан, фарзанди фарзона ва ҷонфидои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш чунин изҳор карда буданд: "Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбёнд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем".

Сарвари давлат он вақт бо ин суханони худ бархномаи сулҳ ва ваҳдати миллии ояндаро дар кишварамон эълом дода буданд.

Барои ҳамаи мо рӯшан аст, ки пас аз ба имзорасии ин созишномаи тақдирсоз ва ба даст овардани ризоияти миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо фазои сулҳу Ваҳдат танин андохта, моро ба зиндагии орому осуда раҳнамун сохт.

Ин имкон дод, ки кишвари мо ба марҳилаи нави давлатдории миллӣ қадамҳои устувори худро гузошта, ба сӯи созандагиву бунёдкорӣ ва пеш гирифтани ислоҳоти куллиро дар ҳамаи



Раҷабзода Сироҷиддин Икром – доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ амалӣ созад. Бахусус, пешрафти соҳаҳои маориф, фарҳанг, энергетика, роҳҳову коммуникатсия, саноату кишоварзӣ ба сиёсати стратегии кишвар табдил ёфт.

Таи чанд соли охир ин соҳаҳо ба самтҳои асосии фаъолияти ҳукумати кишвар мубаддал гардида, дар Паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои маҳбуби миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат расонида мешавад. Дар баробари дигар пешравиҳо, бунёди шоҳроҳҳои байналмиллалӣ барои пешрафт ва таҳкими Ваҳдати миллӣ таъсири басо бузург расониданд.

Дар кишварамон орзӯи ҳазорсолаҳо, яъне имконияти тамоми фаслҳои сол сафар ба ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистонро муҳайё сохт, ки метавонем аз рӯзгори якдигарамон огоҳӣ ёфта, ба ривоҷи савдо, табодули фарҳангу анъанот миёни якдигар суръат бахшем. Ҳамчунин, ин роҳҳо дарвозаҳоест, ки муносибатҳои некбинонаву ҳамсоягии моро ба дигар давлатҳои ҳамсоя мустаҳкам намуда, муносибатҳои неку дӯстонаро бо онҳо густариш медиҳад.

Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Пешвои миллатамон аст, ки дар ин хусус гуфта буданд: «Шоҳроҳҳо-рамзи тантанаи Ваҳдат ва таҳкими минбаъдаи Истиқлолияти давлатию миллӣ мебошад».

Чун ба бунёдкориҳои беназире, ки ҳамасола дар тамоми минтақаҳои кишвари азизамон рух медиҳад бингарем ба қадри Ваҳдати миллӣ бештар хоҳем расид. Ва ҳамаи ин дастовардҳои азим, самар аз роҳбарии хирадмандонаи Пешвои азизу маҳбубамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва якдигарфаҳмию ҳамбастагии миллат буда, сабаби боз ҳам шукуфой ва пешрафти кишварамон гардидааст.

Тараққиёти ҷомеа таи ин солҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ваҳдати миллӣ, ки дар саргаҳи он Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд, ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ вобаста ба сохти давлатдорӣ, муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ ташаккул ва рушд меёбад.

Имрӯз моро зарур аст, ки дасти ҳам бигирему паи ободии ватан аз ҳарвақта дида бештар бикӯшем, ба қадри ғамхориҳои Сарвари кишварамон бирасем, ба халқу миллатамон софдилона ва содиқона хизмат намоем, бо сидқу самимият ва эҳтироми хоса бахри Пешвои азизамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бигӯем:

Номи туро нависем, эй Қаҳрамони ваҳдат,

Бо оби ноби тилло дар тоқи Қасри миллат.

Ҳақиқатан ин ҷашн ба як ҷашни мардумӣ табдил ёфта, дар қалби мардум ҷой гирифтааст. Мардуми ҷангдидаи Тоҷикистон хуб дарк мекунанд, ки Ваҳдати миллӣ неъмати ноёбест, ки Худованди бузург ба мо ато кардааст ва онро чун гавҳаракаи чашм нигоҳ медоранд. Бешубҳа гуфтан мумкин аст, ки Ваҳдати миллӣ дастоварди бузургтарини миллати тоҷик дар замони соҳибихтиёрӣ зери роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат мебошад. Гарчанде имрӯз мо соҳиби сулҳу субот ҳам бошем, лекин бояд ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба ҳамаи мову шумо ва ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон муборакy фархунда бошад!

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

«Ҳеҷ як миллат бе ваҳдат ба истиқлолияти воқеӣ ва пешрафти ҷомеа ноил намегардад» Эмомалӣ Раҳмон

**БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – СУЛТОНИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

**Дар айни замони тазодкориҳои бемонанди ҷаҳони муосир, ки ақли солим дар гиру дори он раҳгумзаниҳо дорад, ҳамчун як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шинохти мавқеияти хеш бояд устувор буд.**

Хештаншиносии миллати тоҷикро иқтидори рӯзафзун мебояд, зеро парешонрӯзгории аҳолии сайёра имрӯзҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки нерӯҳои ҷудоангези ҷаҳони муосир ҳамеша дар пайи шикасти сохтор ва пайкараи оромии олами кунунӣ мебошанд. Нерӯҳои мухолифи кинапешагони мактабҳои террористию экстриместӣ имрӯз фаъолияти худро ором-ором, дар пайи нооромии ҷомеаи ҷаҳонӣ равона мекунанд. Ин мактаб сохтаи дасти манфиатҷӯёни ин ё он кишвар буда, асоси нақшаи онро вайроншавии системаҳои пайвастаи фазои гуманизм ташкил медиҳад, ки 28 сол муқаддам миллати тоҷики моро ин мусибат болои сар омада буд. Дар он лаҳзаҳои басо душвор, ки халқи тоҷик бозичаи дасти неруҳои манфиатҷӯ гардида буд, раҳоӣ аз чунин доми густурдаи гуногуннамуд осон набуд. Дар ҳоле, ки бародар бар зидди бародари худ меҷангид, халқ гурусна, бехонаву дар ва ҳамчун гуреза озими давлати ҳамсояи мо – Афғонистон гардида буданд. Ҳамон Афғонистоне, ки солҳо аз ҷангзадагӣ ниёз ба ёриву кӯмаки мо дошт, он замони ҷанги мудҳиши нангин бошад, моро пуштибонӣ мекард. Хуни нофи тифли модари тоҷикро хоки Афғонистон оғуш мекард ва исёни мурдагони моро низ ин хок паноҳ мебурд. Дар ин миён нерӯҳои мусаллаҳи ҷинояпеша тамоми хостаҳои худро бо номи "давлат"-у "дин" ҳам рӯйи кор меоварданд. Содатабъиҳои мардум зуд халқро ба вартаи гаравиш меовард. Мурғи андешаи мардум аз лонаи шинохти маърифати хеш ба дуриҳо рафта буд. Мардум ба кӯю биёбон афтода буданд. Мактабу маориф ба таври комил фаъолият намекарданд. Гуруснагӣ табли зафар мекӯфт. Тамоми саноати кишвар рӯ ба завол оварда буд. Кас симои зинда монданро аз паси панҷараи марг мушоҳида мекард. Озодӣ – ин навиштаи танҳо рӯйи коғаз буду халос. Роҳҳо бастаю пулҳо валангор гардида буданд. Дар ҳар қадам анбӯҳи мардум, аз андӯҳи мардум хабар медод. Соҳибхирадон дар роҳи пайкор ва ҷустори фардои ояндаи миллат раҳгум зада буданд. Анборҳо холӣ, пасандози мардумон ба ҷуз аз маблағҳои дар бонкҳо сӯхташудаи хокистараразиш, чизе набуд. Таъсироти манфии фазои ҷанги хонумонсӯз тамоми минтақаи Тоҷикистони азизро фаро гирифта буд. Ҳасудони аҷнабӣ барои расидан ба ҳадафҳои нопокашон ҷоми муборакбодӣ мебардоштанду мо сокинони пойтахт пояи тобути фарзандони барумманди хешро мебардоштем. Гиреҳи ин мушкилиро дасте мебоист, ки эъҷози илоҳӣ дошта бошад. Ҳар қадар, ки пайи ислоҳе кӯшиш мерафт, ҳамон қадар кор дар ҳар самт мушкилтар мегардид.

Ҳамин тавр, чанд соли фоҷеабореро халқи тоҷик паси сар мекард. Ҳеҷ як сиёсатмадореро тавони муқовимат бар зидди чунин нафарон набуд. Усули идора ё зимоми давлатдорӣ ба ҳукми амри фалсафӣ гирифтори "фазо ва вақт" буд, ки саҳар каси дигар идора мекарду шом дигареро ба ин ё он вазифа таъйин мекарданд. Дер ё зуд аз 3 рӯз часади соҳибвазифагони навтаъйин низ ба хок супорида мешуд, ки ин матлабро Лоик Шералӣ чунин ба қалам додааст:

**Рӯзу шаб тобутбардӯш, бори сад камбуд бар дӯш,**
**Сӯйи гӯристон равонам, роҳи ободӣ куҷоӣ?**

Дақиқтар ин ки, барои зистан дар миёни издиҳоми халқ ва муқобилият ъалайҳи гуруснагӣ касеро тавоне набуд. Сипас, бо иҷобати дуои хайри мардуми ҷангзада, шахсияти одилтабореро Худованд барои ҳифзи миллати мо иршоди роҳбарӣ дод, ки ба гумонам, ин мисраи шеъри Ҳофизи Шерозӣ "Мужда, эй дил, ки Масеҳонафасе меояд..." ба матлаби андеша мувофиқ мебошад. Ин роҳбари ҷавони азхудгузашта, вуҷудан, барои ояндаи фардои миллати тоҷик зода шуда ва тамоми ҳастии худро дар появу сояи муҷассамаи миллат фидо дониста буд. Шояд, хонандагони гиромии ин сатрҳо аз равиши мазмуни хостаҳои мо ва шахсияту қаҳрамонии абармарди миллат аллакай огаҳӣ ёфта бошанд ва ҳақ бар ҷониби хонандагон мебошад. Воқеан, ин шахсияти худодод, пуштибони халқ, сояи Худо, фарди ояндасозу фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки моро аз он вартаи мудҳик, ба ин вартаи мушфиқ расониданд.

Маврид ба зикр аст, ки дар он вақтҳо Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳам ҷавон буду сарвари ғамхори он ҳам айёми ҷавонӣ дошт, вале тамоми саъю талоши худро ин роҳбари ҷавон сарфаи бунёду навсозӣ, демократикунонии кишвари худ карда буд. Ҳамин фидокориҳои ҷовидонаи роҳбари ҷавони давлат ва кордониҳои он кас аз нахустин қадами роҳбарӣ авзои сиёсиро зина ба зина, рӯ ба беҳбудӣ оварда буд. Муҳимтар аз ҳама ин ки тибқи таҳлилҳои мо пеш аз ин ва пас аз бадастоварии ризоияти "Сулҳу истиқрори миллӣ", ҳатто худи имрӯз ҳам дар ҳеҷ ҳошияи дафтари сиёсати пешгирифтаи ин марди нақӯтадбир истилоҳи "маҳалгароӣ" ҷой надошта буду ҳам надорад.

Дар бунёди ҷомеаи навини шаҳрвандӣ басо корҳои назаррасе аз ҷониби роҳбари ҷавону фидокори миллат пайваста сомон дода мешуд. Яке аз ин шоҳкориҳои беназир бунёди роҳҳои мошингарди аҳаммияти минтақавӣ ва байналмилалидошта буд. Маориф низ дар сархати меҳварии сиёсати роҳбари давлат қарор дошта, теъдоди таълимгирандагон дар ҳар зинаи таълим рӯ ба афзоиш ниҳода буд. Дигар ин ки суннати гаронбаҳои аҷдодии халқи тоҷик, ки аз зербандҳои "муруват" ва "мадоро" иборат буд, риоя карда мешуд. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани вазифаи бандҳои болозикр ва корбурди мафҳуми "Дӯст ояд, гарм дар оғуш гир, Расми хуби тоҷиконро гум макун", пеш аз ҳама, дарвозаҳои илмӣ, маданӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва аслии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйи дигар миллатҳо боз карда шуд. Ин дар ҳоле буд, ки қисми аз ҳамсоягони мо ҷиҳати бим доштан аз сар задани оташи ҷанги шаҳрвандӣ дарвозаҳои ҳамсоядавлатии худро ба рӯйи мо тоҷикон қасдан, баста буданд.

Ба таҳлили ихтисори вазъи ҳамон замони гузашта то ин муддат агар назар афканем, мушоҳида менамоем, ки авзои замон ва симои умумии кишвари азизамон, Тоҷикистони соҳибистиқлол ба куллӣ фарккунанда мебошад.

Вале имрӯзҳо чун мушоҳида мекунем, ҳанӯз ҳам нафаронеро метавон пайдо намуд, ки аз сусттадбирӣ, номукаммалтарбиятӣ, камдонишӣ, беҳирадӣ, бетарафӣ, ҳама муқаддасоти миллиро дар пояи кадом як фарҳанги аҷнабие қарор додаву моҳияти фарҳанги ниёгонии худро дасти кам ё нодида мегиранд. Ин мақсадро ба ҳамин ҷумлаи боло замима намудан ба маврид аст, ки ҳеҷ як фарҳанге наметавонад ивазкунандаи шохае аз фарҳанги миллӣ бошад. Ҷиҳати далели устувори ин андеша зикр намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки Пешвои муаззами миллати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди тафаккури миллӣ ва раҳоӣ аз бунбасти марзи қолабии имондорӣ ду амали хайреро дар баробари дигар амалҳои хайри хеш рӯйи кор оварданд.

Аввалан, ин ки бо дастрасии аҳолии Тоҷикистон бо китоби муқаддаси Қуръони тарҷумадор афзалияти имонро ба соҳибони он, яъне як мусалмон шиносониданд. Ногуфта намонад, ки то ин муддат бо пайравӣ аз кӯчаи мусалмони қолабӣ, тамоми фарзандони навзоди миллати тоҷик қариб буд, ки номи арабӣ гиранд. Баъзан, номҳои сураҳои ин китоби осмонӣ бемувофиқаи ҳеҷ як сохтори ваколатдоре ба ворисони насли Исмоили Сомонӣ барин шахсиятҳои таърихӣ гузошта мешуд. Баъд аз дастрасии китоби тарҷумадори Қуръон ба мардуми омма маълум гардид, ки аксари номҳои сураҳои ин китоби осмонӣ мутааллиқ ба исми ҳайвонот мебошанд, на фарзанди инсон. Мисоли он "Бақара"-гов, "Наҳл"-занбӯр, "Намл"-мӯрча, "Анкабут"-тортанак ва ғайра.

Бо ин амали хайри худ Пешвои муаззами миллат мо тоҷиконро аз зуҳуроти падидаи бегонапарастӣ огоҳ намуда, барои шинохти таърихи худу забони худ, расму оини миллӣ, гиромидошти арзишҳои маънавии он дар баробари ҳадяи китоби Қуръон, инчунин тақдими китоби "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосими Фирдавсиро низ рӯйи кор овarданд.

Хулосаи сухан ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 сол қабл нахлеро дар замини меросии тоҷикон бо номи "Ваҳдати миллӣ" шинонида буданд, ки инак, самараи неки он коми миллионҳо тоҷикони ҷаҳонро мунтазам ширин карда истодааст.

**Зи Суғди бостон то хоки Хатлон,**
**Зи Хатлон то гулӯбанди Бадахшон.**
**Зи хоки Рашт то ба марзи Зарафшон,**
**Душанбею Ҳисору Вахшу Рӯшон,**
**Зи дасту бозуят, эй Оли Раҳмон,**
**Гулафшон шуд, гулафшон шуд, гулафшон!**



Довудшо Бердиёров – котиби шурои олимони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ**

# ИТТИҲОДИ МИЛЛАТ АЗ ВАҲДАТ АСТ!



**Мусаллам аст, ки авзои ҷаҳони муосир дар як вазъияти басо носозгоре қарор дорад. Ин поя ё решаи носозгориҳо барои бархӯрди манфиатҳои шахсии миллатҳои дунё ба шумор меравад. Пешоҳангон ё дурнамонигарони сиёсатшинос, тоҷирони фазои модию маънӣ раванди пурихтилофи ҷаҳонро пайваста мавриди омӯзишу корбурд қарор медиҳанд. Албатта, барои расидан ба ҳадафҳои устувори худ аз ноустувории фазои пурҳаводис истифода мебаранд. Ин матлаби зикршуда, худ як падидаи нав нест ва ин амал такрори шикастҳои таърихиеро пеши рӯ меоварад. Иқтидоршиносони ҷаҳон бар он ақидаанд, ки болоравии нархи маҳсулот дар таҳи садсолаи охир аз ноамнии фазои сиёсии олами кунунӣ ҳар лаҳза метавонад дарак диҳад. Ин дарак доданҳо низ ҳодисаи нав набуда, идомаи парешонрӯзгории солҳои 90-уми асри гузашта мебошад. Ҳамагон хуб огоҳанд, ки дар пасманзари ҳодисоти рӯзгори хунини солҳои 90-ум, алалхусус мо тоҷиконро нақши чӣ хотироти баде пеши рӯ омада буд. Дар асл ва дар умум, он вақтҳо ҳаёти зиндагонии мардум чандон бад набуд (дар назар дошта шудааст вазъи солҳои то 90-ум), вале ин носозгориҳо ба якборагӣ рӯй доданд. Халқи тоҷик дар радифи дигар кишварҳои собиқ Шӯравӣ дар фазои миёнаи вазъияти иқтисодӣ қарор дошт. Анборҳои захиравии мо барои зиндагиҳдории некуаҳволии халқ дар ҳолати тангӣ барои беш аз 2 сол иктифо намекард.**

Таъминоти амнияти озуқавории мардум, ки аз маркази пойтахти онвақта, яъне шаҳри Москва банақшагирӣ мешуд, дастрасиҳо дошт. Ҳеҷ як нафаре бидуни шакку шубҳа дар фикри норасоии ризқу рӯзӣ, косташавӣ, гуруснагӣ, қашшоқӣ, бекорӣ, захирасозӣ, пасандози молҳои ғайриманқул набуд. Сарвати ҷамъовардаи молиявии мардум, ки асосан, пулҳои дар бонкмонда буд, бо пошхӯрии иттиҳоди абарқудрати давлати Шӯравӣ, дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ бекадр гардид.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҳамон вақтҳои солими ҳукумати даврони Шӯравӣ ҳам бисёр нозукандешиҳои техно-иқтисодии сарҳодимони давлат, алалхусус дар мавриди фазои иқтисодии Тоҷикистон ба назар мерасид. Масалан, заминҳои пахтакории фаровону набудани заводи равғанбарорӣ, набудани заводи тракторбарорӣ, набудани фабрикаҳои коркарди чигиту пахта, набудани комбинатҳои матоъбофӣ ва амсоли ин.

Илова бар ин, вазъи фазои иқтисодии навоҳии дурдаст, вилоятҳо, аксар деҳаҳои дурдаст ҳам, ба истиснои марказҳо чандон хуб набуд. Вазъияти иқтисодии вилояти Бадахшон низ дар ҳамон вақтҳо аллакай манфӣ арзёбӣ мегардид, ки як қисми дигари минтақаҳои болооби Зарафшон низ аз он мондагӣ надошт.

Бархе аз шаҳрвандоне, ки мунтазам ба кишварҳои дигар рафтуо мекарданд, аз вазъи фазои иқтисодии фарқкунандаи Ҷумҳурии Шӯравии сотсиалистӣ изҳори нигаронӣ менамуданд. Ҳамин назарияҳои зикршуда, дар охиртарин умри ҳукумати Шӯравӣ ба амалияи таҷрибаманде мубаддал гардид. Яҳудитаборони тиҷоратпешаи атрофи шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Намангону Фарғона ҳамаи молу маҳсулоти мағозаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки қисман молҳои ниёзи аввалу дуюм буданд, то ҳадди охирин миқдору сифат баякборагӣ харидорӣ намуданд. Ҳамаи мағозаҳо, анбори мағозаҳо комилан холӣ гардиданд. Вазъ дар саросари минтақа бадтар мегардид. Фақат, рӯзгори онҳое, ки як андоза дар худ тиҷорати молиявии чорвопарварӣ ё зироаткорӣ доштанд, беҳбудӣ дошту халос.

Мушкилтар аз ҳама ин буд, ки дар дили кишварии азизамон, шаҳри Душанбе нерӯҳои мухолифмаром ба ҷанги оташи шаҳрвандӣ ҳам асос гузоштаву ҳам боди алангаафзо медоданд. Халқ гуруснаву ташна, беҷою бемансил, овораю дар ба дар буд. Соҳибвазифаҳои маъмурӣ бошанд, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Мактабу маориф чун як низоми нолозим сахт фалаҷзада буд. Корхонаву фабрикаҳо кайҳо аз кор монда буданд. Нон, ки бақои сутуни инсоният аст, ба ҳукми истилоҳи муболиғавии абстракт шомил шуда буд. Беморхонаҳо, фурӯдгоҳҳо, биржаҳо масрафи фасоди шахсони манфиатҷӯ шуда буданд. Муҳимтар аз ҳама ин, ки боварии халқ пеш аз худи халқ мурда буд.

То ҷое, ки оташи хунин саропои кишварро ба коми худ мехост кашад. Дигар истилоҳи миллату давлат дар даруни нохунак амал мекарданд. Ба бахти миллати тоҷик, ки пуштибоне ҷуз Худо надошт, ҳеҷ раҳмпарваре ӯро раҳме намекард, дилсӯзонаш-хонасӯзони ӯ буданд, раҳбареро аз миёни халқ ба сари қудрат оварад. Ин роҳбар парвардаи дастранҷи як деҳқон, нозпарвадаи як модари одии тоҷик, фарзанди як хоку оби ин миллат-Эмомалии Раҳмон буд. Аввалин хушбахтии халқи тоҷик дар ин, ки роҳбари ҷавони тозаинтихоби халқ таҷрибаманди сатҳи мардумӣ буд. Ин таҷрибаҳои роҳбари ҷавон саравval, барои аз байн бурдани оташи ҷонсӯзи ҷанг, ба ватан баргардонии гурезагон, бунёди роҳу пулҳо, таъмини амнияти озуқаворӣ, муҳимтар аз ҳама, "Ваҳдат ва таҳкими сулҳу истиқрори миллӣ" роҳандозӣ гардид.

Ба даст овардани Ваҳдати миллӣ, аз ҳар ҷиҳат, бисёр гиреҳҳои риштаи иқтисоди кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлолро кушод. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими бинои ваҳдати миллӣ ва гиромидошти арзишҳои маънавии он хизматҳои арзандаеро анҷом додаанд. Масалан, густариши робитаҳои хориҷӣ, ҷалби сармоягузорӣ, бунёди роҳҳои аҳаммияти минтақавидошта, бунёди нерӯгоҳҳо, бунёди муассисаҳои хурду бузурги томактабӣ, мактабӣ ва олӣ, сармоягузорӣ намудан ба минтақаи кӯҳии Бадахшон, обёрӣ намудани заминҳои бекорхобидаи вилояти Хатлон, таъсиси корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд аз шумори ҷунин пешравиҳо буда метавонад.

Пешсафиҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу амнияти миллӣ ва бунёди Ваҳдати он самараҳои некеро ба бор овардааст, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаммаи мардумон дастаҷамъона аз зери мафҳуми "маҳал" берун омада, дар зери мафҳуми "миллат" сарҷамъ гардидаанд.

Ҳоло дар дунё кам сиёсатмадореро пайдо карда наметавонем, ки пайкори ӯ ба шоҳкориҳои беназири Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шабоҳат дошта бошад!



**Солеҳзода М.С. – ёрдамчии ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

*«Ваҳдати миллӣ барои мо аҳамияти таърихӣ дорад, зеро он роҳи давлатсозии навини тоҷиконро кушод»* *Эмомалӣ Раҳмон*

БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ПЕШРАВИҲОИ НАЗАРРАС ДАР ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

**Бо шарофати Ваҳдати миллӣ ва дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаву лоиҳаҳои махсус барои рушди иқтисодию иҷтимоии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қабул гардиданд, ки дар натиҷаи амалишавии онҳо ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми вилоят ба пешравиҳои назаррас ноил гардид.**

Шуруъ аз он мекунем, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ дар самти нақлиёт вилоят бо мушкилот рӯ ба рӯ буда, дар як сол расо шаш моҳ дар бумбасти коммуникатсионӣ қарор дошта буд. Фақат дар шароити мусоиди тобистону тирамоҳ молу маводи зарурии хоҷагии халқро ба вилоят кашонда, дар муддати ним сол (ноябр – май) бо марказ ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ роҳи заминии он пурра баста мешуд. Бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат шоҳроҳи байналмилалии Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қароқурум сохта ба истифода дода шуд, ки мушкилии сокинони вилоятро ҳал намуд. Албатта, имрӯзҳо таъсири мусбии роҳи мазкур дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми Кӯҳистони Бадахшон мушоҳида мегардад.

Барои рушди оянда вилоят Ҳукумати ҷумҳурӣ тасмим дорад, ки роҳҳои қаламрави вилоятро пурра ба дараҷаи талаботи стандарти байналмилалӣ расонда, истихроҷ ва коркарди саноатии сарватҳои табиӣ ба таври васеъ ба назар гирифта шуда, аллакай амалишавии он бо суръати намоён идома дорад. Яке аз қитъаҳои мушкилгузари роҳи мазкур хатти Дарвоз – Ванҷ то даромадгоҳи ноҳияи Рушон бо дарозии 109 километр мебошад, ки дар ин қисмат соли 2021 азнавсозии роҳ оғоз гардида, дар асоси лоиҳа васеъкунии роҳ, гузоштани 330 қубури обгузар, сохтмони ҷӯйборҳои бетонӣ дар канори роҳ, бунёди 5 долон бо дарозии 601 метр, ду нақб ва 15 пул бо дарозии 633 метр ва дигар иншооти зарурӣ идома дорад. Рӯзҳои наздик дар арафаи таҷлили Ваҳдати миллӣ қитъаи роҳи мазкур ба истифода дода мешавад.

Баробари ин корҳои лоиҳакашии азнавсозии қитъаи шоҳроҳ аз Рушон то деҳаи Варшези Шуғнон оғоз гардида, дар ояндаи наздик сохтмони он сар мешавад. Аҳаммияти шоҳроҳи мазкур

имрӯз ба маротиб зиёд гардида, гардиши савдо бо Ҷумҳурии халқии Хитой бо суръати баланд афзуда, ворид намудани техникаю таҷҳизоти муосир тавассути он ба равадиҳои созандагию ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ таъсири мусбии худро расонда истодааст.

Ҳамчунин дар вилоят чор пул аз болои дарёи Панҷ сохта шуданд, ки тавассути онҳо миёни Тоҷикистон ва Афғонистон робитаи бевоситаи тиҷоратӣ ба роҳ монда шудааст.

Пешвои миллат масъалаи рушди фарҳанг, мактабу маорифи вилоятро низ доимо зери назари ҷиддӣ қарор дода, дар минтақа мактабҳои замонавӣ, литсею гимназияҳо сохта шуда, онҳо бо технологияҳои муосир, аз қабили компютерҳо таъмин карда шудаанд. То ҷашнгирии 35 солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар вилоят боз 17 бинои нави таълимӣ барои 3000 ҷои нишаст сохта ба истифода дода мешаванд. Имрӯз тариқи квотаи Президентӣ 717 нафар ҷавонони Бадахшон дар мактабҳои олӣ таҳсил доранд. Ба истифода дода шудани қасрҳои фарҳанг дар маркази ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Рушон ва Шуғнон, бунёду азнавсозии Театри мусиқию мазҳакавии ба номи Меҳрубон Назаров дар шаҳри Хоруғ аз рушди босуръати соҳаи фарҳанги вилоят дарак медиҳад.

Бар пояи Ваҳдати миллӣ дар миқёси вилоят аз ҳисоби ба кор даровардани корхонаҳои тавлидотӣ, заминҳои бекорхобида, бунёди боғҳои нав ва рушди соҳибкории инфиродию дастаҷамъӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шудаанд. Дар соҳаи саноат сохтмони коркарди маъданҳои кӯҳӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабук ба роҳ монда шуда, таҷдиди фабрикаи коркарди сангҳо "Лаъл", коргоҳи истеҳсоли арматура дар шаҳри Хоруғ амалӣ гардида, сохтмони корхонаҳои коркарди сангҳо дар ноҳияҳои Мурғоб, Ишкошим ва Дарвоз, корхонаҳои хурди истеҳсоли оби минералӣ ба нақша гирифта шуданд, ки имрӯз фаъолият карда истодаанд. Сентябри соли 2018 дар вақти ташрифи Пешвои миллат ба Бадахшон нахустин корхонаи калони саноатӣ, ки ба истихроҷ ва коркарди нуқра машғул аст, ба фаъолият сар кард. Бо истифода додани он метавон гуфт, ки ба таври ҷиддӣ ба саноаткунонии калони хоҷагии халқи вилоят оғоз бахшида шуд.



Сайнак Сайнаков – дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Соҳаи энергетика низ рушд дода шуда, дар вилоят дар солҳои Истиқлол як қатор неругоҳҳои барқии обӣ, аз ҷумла "Помир-1", "Андарбак", "Техарв", "Тоҷикистон", "Хатфат", "Ширг-1", "Ширг-2", "Ванҷ-2" ва дигарон сохта ба истифода дода шуданд. Имрӯз низ сохтмони неругоҳҳои барқӣ, аз ҷумла НБО Себзор бо тавононии 11 мегаватт идома дорад.

Хулоса, боз дастовардҳои дигаро номбар кардан мумкин аст, ки аз рушди назарраси иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Бадахшон дар шароити сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ дарак медиҳанд.

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

**Тоҷикистони азизу ягона ва озоду соҳибихтиёри мо, ки узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид мебошад, соли равон 27-солагии ҷашни Ваҳдати миллиро таҷлил менамояд. Ин ҷашн, агар аз як тараф, дар фазои худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстию ватанпарастии кулли шаҳрвандони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сурат гирад, аз тарафи дигар, дар ҳолате амалӣ мегардад, ки аз музаффарияту дастовардҳои мардуми Тоҷикистон бадхоҳону душманони вай ба ҳарос афтода, бо ҳар роҳу воситаҳо мехоҳанд, ки ба рушду нумӯъ ва тараққиёти Тоҷикистон халал эҷод намоянд. Албатта ин ниятҳои муғризонаву нопоки бадхоҳони миллат ҷомаи амал нахоҳад пӯшид ва ҳақ ба ҳақдор мерасаду душманони миллат дар назди қонун ҷавоб хоҳанд дод.**

Аз оғози эҳёи Тоҷикистони навин то имрӯз, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манбаи илмҳои ҷомеа ва қутбнамо, асосгузор ва илҳомбахши ғояи ваҳдати миллӣ ва Раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Раиси Анҷумани тоҷикон ва ҳамзабонони бурунмарзии мо мебошанд ва бо ифтихор метавон гуфт, ки бо ҷаҳду талошҳои ватанпарастонаашон Тоҷикистонро ба сангари ягонаи донишу фарҳанги ҳамватанон ва тоҷикони ҷаҳон, ҷилвагоҳи воқеии фарҳанги ростини тоҷики форсӣ табдил доданд. Оянадаи неки давлату миллатро дар сулҳу салоҳ мебинад ва онро ба дигарон талқин менамоянд. Асоси ин ниятҳои нек ва ватанпарастонаро, ки ҳамдиёрону дӯстонро ва ҳатто рақибони таърихии моро ба тааҷҷуб овардааст, ғояи "Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон" ташкил медиҳад.

Таърихан чунин ғояҳо дар садсолаҳо ва ҳатто ҳазорсолаҳо як бор таваллуд ва амалӣ мешаванд ва асосгузору амаликунандаи онҳо фардҳои аз ҷиҳати маънавӣ ва зеҳнӣ тавоно мебошанд. Воқеан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои чунин хислатҳои некӯ ва фарҳанги воло мебошанд. Ҳамин ғояи ваҳдати миллӣ ва эҳёи Ватан аст, ки ҳамчун тӯфон амалҳои зишти фардҳо ва гурӯҳҳоеро, ки ба рушду нумуи Тоҷикистон зарар меоранд, ба нестӣ бурда истодааст.

Сабурӣ, ботамкинӣ ва заковати ӯ барои ба ҳам омадан ва якдигарбахшии халқи тоҷик мусоидат намуд, чунки худи эшон аввалин шуда бо бахшиш ва афв рӯӣ оварданд. Дар лаҳзаҳои барои Ватан ҳассос ва тақдирсоз дар назди ягон ақидае, фарде ва ё ташкилоте, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи он сар нафаровarда, бо ниятҳои неки худ содиқ монда, Роҳбару Пешвои воқеии халқи тоҷик ва Пешвои асри XXI буданашонро исбот намуданд.

Хушбахтона, бо амри тақдир аз рӯзҳои аввали Сарвари давлати тозабунёди Тоҷикистон интихоб шуданашон Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз, дар раванди заҳмату ҷонбозиҳо, талошу устувории қавлу амали Сарвари давлат дар ҷодаи ватансозиву ватандорӣ, ҳамеша дар радифи ҳаммаслакону ҳамсафон ва ҷонибдорони ин роҳбари хирадманд қарор дорем. Худованд ба ин абармард бузургтарин истеъдодҳоро додааст. Пеш аз ҳама меҳри беандоза ба Ватан-Модар доранд. Ҳамин меҳру муҳаббат буд, ки аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат интихоб шуданашон парешонии ҷомеаи Тоҷикистон ва дилҳои пур аз кинаву хусумати мардумони минтақаҳои гуногуни онро бехтару равшантар аз дигарон эҳсос менамуданд ва суханони худододи дар он лаҳза гуфтаашон, ҳамватанони ба гирдоби фоҷеа гирифторро хоху нохоҳ ба андешаи рӯй овардан ба ваҳдат ва даст кашидан аз худкушӣ водор сохтанд. Ҳамин меҳру муҳаббат буд, ки ҷомеаи парешонгаштаву навмедгардидаи тоҷиконро

(Идома дар саҳ. 10)

БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

# СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ — МЕРОСИ АБАДИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Дар асри XX кишварҳои зиёде шоҳиди ҷангҳои шаҳрвандӣ ва фалаҷи сиёсӣ гардиданд. Аммо на ҳар як давлат тавонист пас аз он ба сулҳи воқеӣ ва ваҳдати миллӣ даст ёбад. Тоҷикистон, ки дар оғози истиқлолияти худ дучори ҷанги хунин гардид, ба шарофати роҳбарии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист роҳи сулҳу суботро интихоб намояд ва дар давоми солҳои охир онро ҳамчун арзиши муқаддас нигоҳ дорад.**



Мавзӯи сулҳу ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз муҳимтарин рукнҳои сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ба дурустӣ метавон гуфт, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон яке аз намунаҳои нодири баркарорсозии оромӣ ва баҳамоӣ дар таърихи муосир ба ҳисоб меравад. Ин сулҳ танҳо як санад нест — он роҳи ҳаёт ва пояи истиқлолияти воқеии давлат аст.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ 9 сентябри соли 1991, Тоҷикистон бо орзуву умедҳои зиёде ворида марҳилаи нави таърихӣ гардид. Вале набудани таҷрибаи давлатдории мустақил ва мухолифатҳои сиёсии дохилӣ боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид, ки аз соли 1992 то 1997 идома ёфт.

Дар ин муддат, зиёда аз 150 ҳазор нафар ҷони худро аз даст доданд, беш аз як миллион шаҳрванд ба гуреза табдил ёфтанд ва садҳо деҳаю шаҳрҳо валангор гардиданд. Сохторҳои давлатӣ аз фаъолият бозмонданд, иқтисоди миллӣ фурӯ пошид ва давлат дар арафаи парокандагии комил қарор гирифт.

Дар чунин ҳолати басо сангин, ҳеҷ кас кафолат дода наметавонист, ки Тоҷикистон ҳамчун давлат боқӣ хоҳад монд. Маҳз дар ҳамин шароит шахсияти Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи сиёсӣ ворид гардид.

Моҳи ноябри соли 1992, дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки тақдири ояндаи кишвар дар он ҳал шуд. Маҳз дар ин иҷлосия муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардиданд ва сарнавишти миллатро ба дӯши худ гирифтанд.

Сухани таърихии он кас дар иҷлосия чунин садо дод: «Ман ба Шумо сулҳ меорам! Агар лозим шавад, барои таъмини сулҳу субот ҷони худро нисор мекунам!» Ин суханон, ки на танҳо шиори сиёсӣ, балки савганди ҳаётии ӯ буданд, имрӯз ҳам дар ёдҳо нақш бастаанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳеро пеш гирифтанд, ки бо ҷидду ҷаҳди зиёд ва музокироти тӯлонӣ бо ҷонибҳои даргир анҷом ёфт. Дар тӯли панҷ соли баъдӣ зиёда аз 30 мулоқоту музокироти расмӣ бо мухолифин баргузор гардид. Саранҷом, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.

Имрӯз таҷрибаи сулҳи тоҷикон ҳамчун намунаи муваффақонаи баркарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити муосир аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, олимону сиёсатшиносон ва раҳбарони давлатҳои ҷаҳон эътироф шудааст.

Худи Пешвои миллат чунин таъкид мекунанд:

«Тоҷикистон дар охири асри XX дар ҳолате қарор дошт, ки ҳатто мавҷудияти он ҳамчун давлат зери савол қарор дошт. Мо ин давлатро аз вартаи нобудӣ наҷот додем.» (Паём ба Маҷлиси Олӣ, 26 январи 2021)

Сулҳи тоҷикон ба воситаи рӯйдодҳои таърихӣ, муросо ва ифтихори миллӣ таҳким ёфт. Он як василаи ягонагӣ ва пояи эҳёи давлатдории миллии тоҷикон гардид.

Баъди ба даст овардани сулҳ, зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон як марҳилаи сифатан нави ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат оғоз гардид. Конститутсияи нави кишвар қабул шуд, парламент ва ниҳодҳои дигар ислоҳ гардиданд, иқтисодиёт ба марҳилаи рушди устувор ворид шуд. Аз ҳама муҳим, итминон ва эътимоди мардум ба фардо баркарор гардид.

Сиёсати ваҳдатгарои Пешвои миллат дар шаклгирии давлатдории миллӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ, рушди иқтисодиёт, маориф, тандурустӣ ва ҳамгирой бо кишварҳои ҷаҳон нақши бунёдӣ дорад.

«Ваҳдати миллӣ яке аз дастовардҳои бузургтарини мо ва рукни асосии суботи сиёсиву рушди ҷомеа мебошад. Мо бояд онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем!» (Эмомалӣ Раҳмон, суханронӣ дар Боғи Ваҳдат, 27 июни 2020)

Сулҳу ваҳдати миллӣ на танҳо як марҳилаи гузашта, балки асоси ҳаёти имрӯзу ояндаи Тоҷикистон мебошад. Ин ваҳдат бо роҳбарии як шахсияти дорои иродаи қавӣ, диди стратегӣ ва муҳаббати беандоза ба халқу Ватан — Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид ва имрӯз ҳамчун мероси абадии Пешвои миллат ба наслҳои оянда боқӣ мемонад.

Ба дурустӣ метавон гуфт, ки агар шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар он марҳилаи таърихӣ ба арса намеомад, имрӯз Тоҷикистон шояд чеҳраи дигар дошт.

Ҳамчун фарзандони ҳамин сарзамин, вазифаи мо ҳифзи ин ваҳдат, пос доштани сулҳ ва пайравӣ аз сиёсати созандаи Пешвои миллат мебошад.



**Абдуҷабборзода Хушбахт – ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ**

*«Ваҳдати миллӣ на танҳо роҳи раҳоии мо аз ҷанг ва парокандагӣ буд, балки заминаи бунёди давлати муосири тоҷикон гардид»* *Эмомалӣ Раҳмон*

**БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

*(Аввалаш дар саҳ. 14)*

зери ғояи Ваҳдати миллӣ ба ҳам оварда, девори устувору безазанди соҳибистиқлолиро бунёд сохтанд. Ин амали неки Пешвои муаззами тоҷикони дунё Эмомалӣ Раҳмон идомаи таъбири ватанпарастона ва пурифтихори амир Исмоили Сомонист, ки фармуда буданд "то зинда ҳастам, девори Бухороям".

Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои фоҷеабори 1992-1993-и давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон бо амалҳои ҷавонмардона ва шуҷоатмандонаи худ дар дили шаҳрвандон, тоҷикистониён шуълаи умедро ба фардои нек меафрӯхтанд. Бо қаҳрамонии ба худ хос, тавассути чархболи муддатҳои тӯлонӣ истифоданашуда ба Хусдеҳи Афғонистон парвоз карда, вохӯриву суҳбатҳои самимонаву ватанпарастона ва самаранокашон бо мухолифини давр ба сазовори эҳтирому эътиқоди лашкаркаши маъруфи тоҷиктабори Афғонистон марҳум Аҳмадшоҳи Масъуд гардиданашон яке аз лаҳзаҳои зиндагиномаи пуршарафи ин марди маҳбуби Худо мебошад.

Роҳбари давлат қадами неку файзбор доранд, ки аз ниятҳои некашон бармеояд. Ҳама ёд дорем ва шоҳид ҳастем, ки дар чандин ҷашнҳои таҷлили Иди Наврӯз, ки осмон боронӣ буду мардум Сарвари худ, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро бетоқатона интизорӣ мекашиданд, бо расидани қадами муборакашон офтоб аз паси абрҳо баромада шодиву фараҳи одамонро даҳчанд мегардонд.

Бояд қайд намоем, ки эшон ба оияндаи неки Ватани худ боварии беандоза доранд ва бо ин рафторашон дили ҳамватанони худро ҳамеша гарм месозанд. Дар ҳама ҷабҳаҳо нияти нек оғоз менамоянд. Чунин амал намудан аз рӯйи ҳадиси Паёмбар Ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад, ки "нияти нек беҳ аз амал" фармудаанд. Ҳамин нияти неки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки нақшаҳои ватансозиашон бемайлон амалӣ мегарданд ва обрӯву эътибори давлати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ пайваста меафзоянд.

Фикр мекунем, ки муаллифони даъвоҳои беасосу бепоя ва бӯҳтону ҳангомаҳо, танқидҳои беадолатонаву таҳқиромезона нисбати давлати навбунёди тоҷикон, ки солҳои охир дар сомонаҳои интернетӣ ва нашрияҳои ватаниву хориҷӣ ба табъ мерасанд, ё тоҷик нестанд ва ё бо ном тоҷик мебошанд. Аз ҳама аламовараш он аст, ки баъзе ашхоси Ватанро бо сабабҳои гуногун тарккарда, аз ҷумлаи бадхоҳону душманони миллат буда, аз номи Тоҷикистону бо номи Тоҷикистон ба давлатҳои хориҷа мераванд ва ниятҳои зишти худро дар баробари Тоҷикистон гуфтаву нашр карда, манфиат мегиранд. Яъне, танҳо худи номи Ватан – Модар ҳатто фарзандони нохалафро ҳам шафоат мебахшад. Аммо тоҷики асил шукри истиқлолияту озодии Ватанро карда, барои равшании роҳи рушду озодии он ақаллан як шамъе меафрӯзаду шамъҳои афрӯхтаи ҳаммилатони худро зери по намекунад, агарчӣ дар Ватан ва ё берун аз он қарор дошта бошад.

Тоҷики асил нияти нек дорад, чунонки Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон худ ҳамеша нияти нек доранду новобаста аз амалҳои бадхоҳону душманони миллат, Худованд роҳи он касро кушодаву равшан кардааст. Ва фикр мекунем, ки Паёмбари Худо ҳам ўро шафоат мекунад, охир Президенти мо таҷассумгари симои тоҷик ва амаликунандаи орзуву ормонҳои ҳазорсолаҳои гузаштагони ин миллат мебошанд.

Ба ростӣ, мисли Президенти Тоҷикистони навин ҷуръати беандозаву нангу номуси баланди миллӣ бояд дошт, то ки ҳар як амали худро ба хотири манфиати Ватан иҷро намуд, дар ҳоле ки мо акнун баъди ҳазорсолаҳо, ҳамагӣ 33 сол мешавад, ки давлати соҳибистиқлол дорем. Баъзан зумрае аз мансабпарастону бадхоҳони давлати навбунёди тоҷикон дар суханрониҳои худ нисбати ҳадафҳои созандаву бунёдкоронаи Роҳбари давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шубҳа ва нобоварӣ изҳор намуда, такрор ба такрор "агар ин истиқлоли энергетикӣ амалӣ шавад..." ва ё "то ин истиқлол амалӣ мешавад, ки ..." гуфта дар дили мардум эҳсоси яъсу навмедиро ҷой карданӣ мешаванд. Вале сад афсӯс, ки эшон дар фикри анҷом додани ягон амали нек ё гуфтани сухани хубе барои Ватан ҳам нестанд. Бисёре аз онҳо мусулмон, намояндагони дину мазҳаб ва ҳизбҳое мебошанд, ки аз ҳадиси дар боло зикрёфтаи Паёмбар Ҳазрати Муҳаммад (с) шояд бохабар набошанд. Дар лаҳзаҳои тақдирсозу мушкилбори Ватан нияти неки ҳамватанони худро дастгирӣ намудан ҳам фарзу ҳам қарз мебошад ва шубҳа наовардан ба ҳадиси дар боло зикршудаи Паёмбари ислом аст.

Ҳамаи онҳое, ки ба ниятҳои неки ватансозиву ватанпарастии Президенти Тоҷикистон, ки аз ҳамин ҳадиси муборак сарчашма гирифтаанд бо шубҳа назар мекунанд, имонашон коста мебошад.

Дуои неки Президенти хирадманди Тоҷикистон дар анҷоми мулоқоташон бо аҳли ҷамоатчигии мамлакат хеле орифонаву самимона аст, ки гуфта буданд: "ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон саломатӣ ва тавфиқу комёбиҳо орзу намуда, ба даргоҳи Худованди мутаол ва Офаридгори замину осмонҳо дуо мекунем, ки амну амонии мулкамон, сулҳу суботи мардуми кишварамон ва хонаободии ҳар сокини Ватани маҳбубамонро поянда гардонанд. Ҳамаи моро ба роҳи рост ҳидоят намояд, мамлакати моро аз офатҳо нигаҳбон бошад ва раҳмату баракати худро ба ин сарзамин зиёда гардонад. Мардуми ин диёрро зиндагии орому саодатмандона насиби рўзӣ созад, ҷавонони ин миллатро дар паноҳи худ нигаҳбон бошад ва ба онҳо тавфиқи зиндагӣ ато фармояд!".

Албатта ин аввалин дуои Сарвари давлат набуд. Ба ёд орем, суханрониву табрикоташонро дар симпозиумҳои байналмилалӣ ва маъракаҳои дигари ватанӣ тайи солҳои гузашта, ки даст ба дуо бардошта аз Худо амалӣ шудани ниятҳои неки худро таманно мекарданд. Умуман оғозу анҷоми ҳамаи суханрониҳояшонро Ҷаноби Олӣ бо нияту орзуҳои нек ва ҳидояту дастурҳои падарона ҷамъбаст менамоянд, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ орзуи онро доштем, ки дар маҷлису маҳфилҳои ҷумҳуриявӣ, ки бо ширкати Президенти мамлакатамон баргузор мегардиданд худи Ҷаноби Олӣ дуо кунанд. Ҳамон рӯз ин дуои Роҳбари давлати Тоҷикистонро ба аҳли ҷамоатчигии мамлакат, аз ҷумла руҳониёни кишвар ба маврид ва рамзӣ садо дод. Маълум аст, ки дар ҳама давру замон, дар ҳамаи давлатҳои дунё, аз ҷумла дар давлатҳои мусулмоннишин ва ё мисли давлати Тоҷикистон, ки аксарияти кулли мардумаш мусулмонанд, сухани аввал сухани Президент ва ё Подшоҳ, ки сояи Худост, мебошад. Яъне дуоро низ барои раият Президентамон, ки хонаи Худоро зиёрат кардаанд, барҳақ хонданд ва дуои Президенти кишвар, албатта, мустаҷоб мегардад. Дар ин бора мутафаккири тавонои асрҳои миёна Муҳаммад Ғаззолӣ дар асари худ "Насиҳат-ул-мулк" чунин фармудааст: "Бидон ва огоҳ бош, ки Худои таоло аз байни одам ду гурӯҳро баргузид (интихоб кард) ва ин ду гурӯҳро бар дигар фазл ниҳод: яке пайғамбарон ва дигар мулук (подшоҳон). Аммо пайғамбаронро фиристод ба бандагони хеш, то эшонро (онҳоро) ба вай роҳ намоянд ва подшоҳонро баргузид, то эшонро аз якдигар нигоҳ доранд ва маслиҳати зиндагии эшон дар эшон баст ба ҳикмати хеш ва маҳалле бузург ниҳод эшонро. Чунонки мегӯянд "ассултону зиллу-л-лоҳи фил-арз", яъне Султон-Подшоҳ сояи Худо дар рӯи замин аст".

Тамоми далелу асосҳои раднопазире, ки ишора намудем гувоҳи он мебошанд, ки орзуву ормонҳои тоҷикистониён амалӣ гардид ва рӯзи 9-уми декабри соли 2015 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллатро якдилона қабул ва тасдиқ намуд. Ин шаҳодати гуфтаҳои болост, ки воқеан Президент офаридгори сулҳу Ваҳдат ва пешвои миллати тоҷик аст, ки ин адолат ва воқеияти таърих мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки Президенти Ҷумҳурӣ аз рўзҳои аввали фаъолият то имрӯз нисбат ба соҳаи маориф пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Бунёди муассисаҳои таълимии ҳозиразамон, таҷҳизонидани онҳо бо технологияи муосир ва ҳамасола баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи маориф далели гуфтаҳои боло мебошанд.

Таҳлилҳо воқеан нишон доданд, ки хидматҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар назди Ватан ва миллат бо саҳме, ки Аврам Линколн, Шарл де Голл, Камол Отатурк, Фон Бисмарк ва дигар шахсиятҳои сиёсии сатҳи ҷаҳонӣ дар замонҳои гуногун барои рушди кишварҳои худ гузоштаанд, метавон қиёс намуд.

Тоҷикистон Ватани таърихӣ ва аҷдодии тоҷикони дунё, хонаи умеди имрӯзу фардои тоҷикистониҳост.

Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби
мост, ҳабиби мост,
Зинда бош, эй ватан,
Тоҷикистони озиди ман!



**Қозиён Шариф Қозӣ – мудири кафедраи ҳуқуқ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ**




**Омӯзгори ҷавон**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**Наҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов**
**САРМУҲАРРИР:**
**ФАРИДУН КЕНҶАЗОД**
**Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон: 224-55-06

Нашрия тахти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.

**Адади нашр: 50 нусха**